Маблаггузорӣ аз тарафи:
Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra
Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

HELVETAS TAJIKISTAN

UNDP

# Модули таълимӣ
# дар мавзӯи: «Ҳуқуқи оилавӣ»



**Душанбе – 2023**

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МОДУЛИ ТАЪЛИМӢ

**Мақсади модули таълимӣ:**

Гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ вобаста ба масъалаҳои мавзуи ҳуқуқи оила, аз ҷумла: мафҳуми оила; мақоми оила дар ҷомеа, аъзоёни оила; санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқи оила; санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллии ҳуқуқи оила; оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ; давраҳои ташаккули падидаи оила. ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзоёни оила, бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии ҳуқуқшиносони давлатии Муассисаи давлатии "Маркази ёрии ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", кормандони дастгоҳи марказии Вазорати адлия ва сохторҳои он, инчунин барои нафароне, ки бо ҳуқуқи оила сару кор доранд.

**Вазифаҳои модули таълимӣ:**

- шарҳи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории ҳуқуқи оила;
- уҳдадориҳои алиментдиҳии ҳамсарон;
- уҳдадориҳои алиментдиҳии аъзоёни дигари оила;
- муносибатҳои молумулкии ҳамсарон;
- тақсимоти молу мулки муштарак;
- тақсимоти мерос.

**Усулҳои тадрис:**

- лексияҳои (ваъзҳои) хурдҳаҷм;
- рӯйнамоӣ (муаррифӣ);
- мубоҳиса;
- тӯфони фикрӣ (зеҳнангезӣ);
- корҳои гурӯҳӣ;
- корҳои гурӯҳии умумӣ;
- саҳнагузорӣ;
- луқмапартоӣ.

**Нақшаи корӣ:**

Муқаддима.

1. Муносибатҳои ҳуқуқи оила.

2. Танзими қонунгузории ҳуқуқи оила.

3. Ҳуқуқи молу мулкии ҳамсарон.

4. Уҳдадориҳои алиментдиҳии ҳамсарон ва аъзоёни дигари оила.

5. Фарзандхонӣ. Тартиб ва шартҳои фарзандхонӣ.

6. Дигар мавзуҳои вобаста: Васоят ва парасторӣ. Муқаррар намудани падарӣ. Танзими ҳуқуқии мерос.

Руйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда.

# МУҚАДДИМА

Ҳар як инсон аз хурди дар дил орзуи ҳаёти хушбахтиро мепарварад, вале баъди расидан ба ин орзуҳо марҳилаҳои гуногунро паси сар менамояд то ин ки ба орзуҳо ҳадафрас бошад. Яке аз ин марҳилаҳои муҳими зиндагӣ бунёди оила мебошад. Ба ҳамагон маълумаст, ки оила рукни асосии ҷомеъа ба шумор рафта, устувории он дар заминаи муҳаббат, садоқат, иззату ҳурмат ва сабру тоқат имконпазир аст. Назар кардан бар гузашта қадаме ба ояндаи нек мебошад. Агар дар гузашта ғаму андуҳ ва норасоиҳо бештар буданд, пас ин мушкилиҳоро оромона таҳлил кардан зарур меояд. Аммо фаромуш набояд кард, ки танҳо бо ёди гузашта зиндагӣ карда намешавад. Андешаҳои гузашта танҳо барои беҳтар намудани оянда лозим мегардад.

Оила – зуҳуроти иҷтимоию ҳуқуқист. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи ҳуқуқии оила дода нашудааст, вале дар истинод бо нуқтаи назари мухталиф таърифи оиларо ба тариқи зайл додан мумкин аст: оила иттифоқи озод, ихтиёрона, баробарҳуқуқ ва чун қоида якумраи зану шавҳар аст, ки ба муҳаббату эҳтироми тарафайн бо мақсади ташкили оила барои тавлид ва тарбияи фарзандон асос ёфта, бо риояи ҳама шартҳои дар қонун зикршуда ва умумияти маънавӣ ва хоҷагӣ, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро байни аъзои оила ба вуҷуд меорад ва дар ҳифзи давлат мебошад. Вазифаҳои асосии оила репродуктивӣ, тарбиявӣ, хоҷагидорӣ (иқтисодӣ), маънавияти ба ҳам созгори аъзои оила ва дастгирии моддӣ мебошад.[1]

Дар шароити муосир дар ҷомеа падидаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, ки таъсири онҳо ба оила дида мешавад, ки ба вайроншавӣ ва он оварда мерасонад. Имрӯзҳо шумораи аҳолии Тоҷикистон аз 9 миллион нафарро ташкил медиҳад, ки 53% - и онро занон ташкил медиҳанд. Тибқи омори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир шумораи оилаҳое, ки вайрон шуданад, яъне ҷудошавии зану шаваҳар ба даҳо ҳазор расидааст. Инчунин ба ғайр аз вайроншавӣ масъалаи зуроварӣ дар оила низ дида мешавад, ки дар натиҷаи он воқеаҳои нохуш бавуқуд меоянд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 соли оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Сарвари давлат масъалаи оиларо дар маркази диққати ҷомеа қарор дод, то таваҷҷӯҳи сокинони кишварро барои баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ва пешгирӣ ҳаргуна зуҳуротҳои номатлуб дар оила омӯхта ва бартараф

[1] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Маҳмудов М.А. –Душанбе: ЭР-граф, 2009. –С. 368.

карда шаванд. Дар Паёми Пешвои миллат аз ҷумла омадаст, ки "...масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти аҳмияти масъала, мувофиқи мақсад аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2015 дар кишвар "Соли оила" эълон карда шавад.»[2]

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини баробарҳуқуқии мардону занон механизмҳои миллиро бо дарназардошти хусусиятҳои миллию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ амалӣ намуда, дар ин самт дастовардҳои муайянро соҳиб гаштааст. Дар ин раванд таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҷанбаи дохилӣ ва хориҷӣ дорад, такмили заминаҳои ниҳодӣ, ки ҷанбаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ дорад, пешбурди методҳои фаъолияти ҳамоҳанг, ки татбиқи ҳамгироӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти ниҳодҳои гуногунро дар ин самт таъмин менамояд, ҳамчун механизмҳои миллӣ маънидод шуда, ифодакунандаи воқеияти имрӯзаи самаранокии татбиқи чунин сиёсат дар кишвар мебошад.

Модули таълимии мазкур бо мақсади баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи оила ва таҳлили қонунгузорӣ барои доираи васеъи донишҷӯён, аспирантон ва шахсоне, ки ба соҳаи мазкур майлу рағбат доранд тавсия карда мешавад.

Ташкилоти байналмилалии ХЕЛВЕТАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки Модули таълимиро дар мавзуи: «Ҳуқуқи оила» бо мақсади гузаронидани тренинги омӯзишӣ барои баланд бардоштани малакаи касбии ҳуқуқшиносони давлатии Муассисаи давлатии "Маркази ёрии ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия намояд.

Умедворем, ки Модули таълимии мазкур барои доираи васеи хонандагон ва нафароне, ки бо ҳуқуқи оила сару кор доранд, аз ҷумла барои кормандони Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он муфид хоҳад буд.

---

[2] Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 23

## 1. Муносибатҳои ҳуқуқи оила.

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқи шахсият дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ яке аз рукнҳои асосии мақоми ҳуқуқии шахс ба шумор меравад[3]. На ҳама паҳлӯҳои ҳуқуқи шахс дар оила дар Қонуни асосӣ инъикос шудаанд, ки моддаи 33-и Конститутсия гувоҳи ин аст. Дар ин модда ҳуқуқи ҳар фард ба бунёди оила, озодона ба никоҳ даромадани мардону заноне, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, инчунин баробарҳуқуқии ҳамсарон дар муносибатҳои оилавӣ ва қатъи он зикр шудааст. Аммо дар ин маврид Кодекси оила меъёри махсус – риояи шартҳои акди никоҳ (аз ҷумла, синни никоҳӣ, розигии тарафҳо, набудани монеаҳои акди никоҳ)-ро пешбинӣ кардааст, ки онҳо мебоист дар матни ҳамин модда зикр мешуданд, ё ба қонуни соҳавӣ ҳавола мегардиданд.

Бояд зикр намуд, ки ҳифзи ҳуқуққҳои оилавии шаҳрвандон дар якчанд давраҳои ҳаёт амалӣ мешавад: давраи тоникоҳӣ, вақте ки механизмҳои асосии ақди никоҳ ба кор даровarда мешаванд, дуюм, дар давраи ҳаёти якҷояи ҳамсарон, вақте ки сухан дар бораи ҳифзи ҳуқуққҳои шахсӣ ва амволии ҳамсарон меравад, сеюм, дар ҷараёни баррасии парвандаҳо оид ба қатъи никоҳ, чорум, дар ҷараёни баррасии парвандаҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва тарбияи онҳо[4].

Ҳар яке аз ин давраҳо хусусиятҳои хосе доранд, ки ба инобат гирифтани онҳо ба ҳалли мусбати мунокишаҳои оилавӣ мусоидат хоҳанд кард. Масалан, дар давраи тоникоҳӣ Кодекси оилаи Тоҷикистон меъёрҳои махсус оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамсаронро пешбинӣ кардааст, аз қабили меъёрҳое, ки ақди никоҳро манъ мекунанд, ба таври ройгон гузаронидани муоинаи тиббӣ, баррасии судии масъалаҳое, ки ба кам кардани синни никоҳӣ ё маҳдуд кардани мӯҳлати қайди ниоҳ дахл доранд, ё қайди никоҳ бе пешбинии мӯҳлати якмоҳаи интизорӣ[5].

Дар давраи ҳаёти якҷояи ҳамсарон бошад, институти аҳдномаи никоҳ ва масъулияти ҳамсарон аз рӯи ӯҳдадориҳо пешниҳод шудааст.

Ниҳоят дар давраи қатъи никоҳ Кодекси оила меъёрҳое дорад, ки барои ба таъхир андохтани талоқ мусоидат мекунанд ва ҳамзамон ҳуқуқи ҳамсаронро ба ин амали табиӣ маҳдуд намесозанд. Дар низоми меъерҳои батанзимдароварандаи ҳуқуқи ҳуқуқи оилавӣ Конститутсия Ҷумҳурии

[3] Ниг: Чефанова Е. Судебный порядок расторжения брака // Российская юстиция. 1996. № 9.

[4] Ниг: Маҳмудов М.А. Оилаи ҷавон ва ҳуқуқ. – Душанбе, 1991.

[5] Ниг: Маҳмудов Маҳкам, Худоёров Бахтиёр. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2005. – 366с.

Тоҷикистон мавқеи аввал дошта пойдевори ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ба шумор меравад. Чунки дар моддаи 33 Конститутсия дарҷ гардидааст, ки «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд».

Пайдо шудани ҳуқуқи оиладорӣ ва пойдор кардани он водор месозад, ки аввало қувваи ҳуқуқӣ пайдо кунад ва баъд аз ин мо гуфта метавонем, ки оила пайдо шуд. Ва ба зиммаи вай ҳамаи ҷиҳатҳои ҳуқуқию ахлоқӣ, ҷамъиятию давлатӣ вогузор карда мешавад. Чи таре, ки аз ҳуқуқи оила бар меояд, аз диди нишондодҳои он системаи (маҷмӯи) меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳамаҷиҳатаи дар оила вуҷуд дошта ва ё пайдо шуда ба монандӣ: муносибатҳои шахсӣ ба молу мулкӣ, талаботҳо аз қайди никоҳ ба вуҷуд омада, таваллуди кӯдакон, фарзандхонӣ, хешу таборӣ, ба тарбия гирифтани кӯдакон, ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсарон ва аъзоёни оила, шартҳои қатъ гардидани ақди никоҳ ва ғ. дигари ба ин масъалаҳо дахл дошта ба танзим дароварда мешаванд. Ҳамаи ин риштабандиҳо дар ҷамъулҷамъ предмети ҳуқуқи оила ба ҳисоб меравaнд. Ҷамъиятшиносон, ки оиларо чун объекти тадқиқотии худ қарор додаанд, пеш аз ҳама бояд, хуб донанд, ки оё дар пайдо шудани оила, мустаҳкаму устувор нигоҳ доштани он чунин талаботи қонуни соҳа риоя карда шудаанд ё не. Бе муайян кардани он ба омӯзиши масъалаҳои дахлдошта гузаштан ноимкон аст. Вобаста ба он, ки кадом ҷиҳати оилаю оиладорӣ омӯхтан зарур гаштааст (тарбияи фарзандон, сабабҳои ҷудошавии ҳамсарон, иҷро наёфтани вазифавҳое, ки оилаю оиладориро ташкил медиҳанд ва ғ.дигар), сотсиолог масъалаҳои баҳсноки тадқиқотиро ба нақша гирифта, пеш аз шурӯъ кардан ва ба тадқиқот объекти дохил кардани оила предметҳои омӯзиши онро равшанӣ меандозад[6].

Масъалаҳои омӯхташавандаро, ҳам аз ҷиҳати илмӣ — назариявӣ ва ҳам амалиӣ, аниқу равшан сохта, тарзу усули ҳалли онҳоро (ба воситаи кадом тарзу усули сотсиологӣ: анкета, сӯҳбат, мушоҳида, омӯхтани ҳуҷҷатҳо ва ғайраҳои дигар) ба қалам медиҳад. Агар ҳуқуқшинос, масъалан аз диди қонун донистан ва ё надонистани оиларо муоина намояд, ҷамъиятшинос бошад, такя ба қонуҳои амал кардаистода масалан, устуворию ноустувории вуҷуд доштан, амал кардани оиларо тавассути омӯхтан, таҳлил кардан, хулосагирӣ кардан аз риштаҳои бо ҳам пайвасту вобаста дар оила ҳукумрон будан муайян менамояд. Диди

[6] Ниг: Маҳмудов М.А. Оилаи ҷавон ва ҳуқуқ. – Душанбе, 1991.

ҳуқуқӣ бо диди сотсиологӣ ҷӯр шуда, иллату камбудиҳое, ки дар пайдошавӣ ва мақсадноки ташкил намудани оила вуҷуд доранд, муайян мегарданд. Ҳар чӣ тезтар дарёфтани роҳҳои судмандонаи ҳалли онҳо, ҳам ба манфияти оила аст ва ҳам ба манфияти ҷомеа[7].

Аз он давру замоне, ки бори нахуст мактаби сотсиологии оила (солҳои 60-уми асри XIX) то имрӯз ҳазорҳо ҳазор тадқи қоти сотсиологии со ҳ а гузаронида шуда бошанд ҳам ва махз ҳ амин тарзу усули ом ӯзиш ба мустаҳкамшавию инкишофёбии самаранокии оилаҳо асос гузошта, ҳ ар чи бештар имр ӯз оилаҳои замонавӣ қомат рост карданро пайдо намуда бошанд ҳам, аммо, чи аз ҷиҳати илмӣ — назариявӣ ва чӣ амалӣ ҳолатҳоеро дидан мумкин аст, ки ҳоло ҳам боиси ташвишанд. Алалхусус, солҳои баъди шикасти даврони собиқ Шӯравӣ, соҳибистиқлол гардидани давлатҳои хурду калон, чи дар иттиҳоди он буда ва чӣ дар шаклҳои сиёсӣ, идеологӣ тобеъ буда, оилаҳо ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шудаанд[8]. Бо сабабҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ дар ташкили оилаю оиладорӣ ҷунбишҳои навине ба миён омаданд ва маҳз ҳамин ҷунбишҳо «бедоршави» -и оилаҳо проблемаҳоеро пеш гузоштанд, ки бе ҳаллу фасли аниқи ҳуқуқӣ ва сотсиологии онҳо ба ҳалли муваффақиятноки кулли проблемаҳои дигар (истеҳсолӣ, фарҳангӣ, илму маърифат, идоракунии ҷомеа ва ғ. дигар) расидан ноимкон мебошад. Ҳамин боис шудааст, ки дар ин ҷода нуқтаҳои баҳснокӣ нави илмӣ ба миён омаданд ва аз ҷиҳати методологӣ аниқ сохтани онҳо хеле ҳам муҳиманд.

Чи тавре, ки маълум аст, дар замони Шӯравӣ ба ин масъала хеле ҳам диққати зиёд дода мешуд. Оилаҳои мустаҳкаму устувор бисёр буданд; Мақому мароми оила дар ҷомеа шинохта шуда буд. Дар назди ассотсиатсияи сотсиологии собиқ ИҶШС оид ба омӯзиши проблемаҳои оилаю оиладорӣ махсус сексия созмон дода шуда буд (1966) ва ин то соли 1993 хуб амал дошт. Бо роҳбари сотсиолог А.Г.Харчев сексия дар ин ҷода хизматҳои зиёде карда тавонист. Аз солҳои 1968 то солҳои 1983 зиёда аз се ҳазор корҳои хурду калони илмии соҳа ба табъ расонида шуда буданд. Аз солҳои 1980 -ӯм ва минбаъд (то солҳои 90-ум) раванди омилҳои ташаккулёбии оилаю оиладорӣ, мустаҳкаму тавоно гаштани он мавриди омӯзиши сотсиологҳо қарор гирифта буданд. Аммо масъалаҳо дар ин давра қариб, ки танҳо аз диди сиёсати ҲКИШ ҳаллу фасл меёфтанду халос. Озодӣ, демократия дар ташкили оилаю оиладорӣ характери сиёсиро пайдо карда буд. Тадқиқотҳои супоришӣ гузаронида мешуданд.

---

[7] Ниг.: Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.-Душанбе. 2016. С 13-19.

[8] Ниг: Чефанова Е. Судебный порядок расторжения брака // Российская юстиция. 1996. № 9.

Қашшоқии минбаъдаи ҷомеаи давраи Шӯравӣ боиси хеле ҳам паст шудани оилаю оиладорӣ гардиданд ва то ҳол аз он ҷомеаи имрӯза дар пуррагӣ раҳой наёфтааст (фоишагарӣ, кӯдакони бе падару сағира монда, булҳавасона оиладор шудану сабукандешона ҷудо шудан, оилаҳои ноустувор, мақсадҳои ғаразнок дошта ва ғ.). Ҳамаи ин ва дигар проблема ҳое, ки аз созмон додани оила ҳои нав ба миён меоянд, имрӯз дар маркази диққати тадқиқотчиёни соҳа истодаанд. Вале нарасидани мутахассисони соҳа — сотсиологҳо ҳ амоно ҳис карда мешаванд. Вақти он расидааст, ки ба оилаю оиладорӣ аз диди нав назар карда шавад. Дар ин роҳ мақсаднок ташкил карда гузаронидани тадқиқотҳои бардавоми сотсиологӣ муваффақияте бахшида метавонанд.

Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯ овардани он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳар чӣ бештар иҷтимоишавии фаъолияти одамон, характери глобалӣ пайдо намудани оилаю оиладорӣ ва боз дигар проблемаҳо тақозо менамоянд, ки чунин масъалаҳои муҳими созмон додани оилаҳои устувори замонавӣ ва нигоҳ дошта тавонистани онҳо пеш дар пеш омӯхта хулосагирии ҳамаҷиҳатаи илмию амалӣ (воқеӣ) карда шаванд:

- Тайёр будани тарафҳо (писару духтар) ба ташкили оила ва пеш бурдани он;
- Мақсаду мароми онҳое, ки оиларо созмон медиҳанд мувофиқ будан ба ташкили оила;
- Мақоми волидайн дар омода сохтани фарзандон ба оилаю оиладории мустақилона;
- Муҳайё сохтани шарту шароитҳое, ки баъди созмон додани оила барои нигоҳ доштан, мустаҳкам намудани оила заруранд ва маҳз ба назару эътибор нагирифтани онҳо дар бисёр ҳолатҳо боиси ҷудошавии оилаҳо мегарданд (манзилгоҳ, асбобу анҷомӣ рӯзғори хона, таъмини иқтисодӣ ва ғ.);
- Муътадилсозии вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавию ахлоқии оиладоршавандагон;
- Қобилияти тавониста ба дуне овардани фарзандон, тарбия карда ба камол расонидани онҳо;
- Дараҷаи дарки ҳисси масъулият доштани тарафҳо нисбати оилаю оиладорӣ;
- Аз ҷониби давлат, ҷомеа, падару модарон муҳайё сохтани шароитҳо барои пеш бурда тавонистани оила ҳои камбизоат, расонидани он кӯмакҳое, ки онҳо ба ин эҳтиёҷманданд;

- Дар зери назорати доимӣ нигоҳ доштани вазъи оилаю оиладорӣ аз ҷониби падару модарон, аҳли хешу таборон, наздикони онҳо;
- Ташкили нуқтаҳои маслиҳатдиҳӣ, тарғиботӣ ба оилаҳои ҷавон ва ғ. дигар.

## 2. Танзими қонунгузории ҳуқуқи оила.

Дар силсилаи меъёрҳои танзими ҳуқуқи оилавӣ мавқеи марказиро моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд, ки аз 13 ноябри соли 1998 мавриди амал қарор дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи ҶТ санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ аз тарафи давлат эътирофшуда ба феҳисти меърҳои танзимкунандаи ҳуқуқи оилавӣ шомиланд. Аз он ҷумла: Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз 19 декабри соли 1966, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 19 декабри соли 1966, Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 18 декабри соли 1979, Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон, Конвенсияи давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи кӯмаки ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ» аз 22 январи соли 1993[9].

Дар ин баробар қонунҳои ҷории зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми меъерҳои батанзимдароварандаи ҳуқуқи оилавӣ шомил карда шудаанд: Қонуни ҶТ «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ» аз 2 декабри соли 2002, «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005, «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006, «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти 2013, «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 ва ғ.

---

[9] Ниг. :Маҳмудов М.А., Шарипов Т.Ш. Оила дар ҳифзи қонун. Душанбе. 2001. С. 5-6.

Танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд на танҳо таввасути Конститутсия, кодексҳо ва қонунҳо, инчунин тавассути санадҳои зериқонунӣ низ сурат мегирад. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» (аз 3.12.1999). Бояд қайд кард, ки Қарорҳои дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба низоми санадҳои зериқонунӣ шомил буда, бояд ба Конститутсия, Конунҳои ҷорӣ ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дошта бошанд аз он ҷумла Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» (аз 6.08.2001с. № 391)[10] ва ғ.

Ҳамин тариқ, қонунгузории оилаву никоҳ дар партави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам инкишоф ёфта, ба он равона шудааст, ки ҳама паҳлӯҳои ҳаёти шахсии шаҳрвандон, аз ҷумла муносибатҳои оилавӣ низ аз нигоҳи ҳуқуқ ба нафъи рушди солими ҷомеа танзим гарданд.

Оила мураббии аввалин, паноҳгоҳу роҳати умри инсон, поягузор ва асоси ҷамъият аст. Дар оила мо тарбия ёфта, меъёрҳои маънавию ахлоқиро аз худ намуда обутоби ҳаётӣ мегирем ва ба ҳаёти мустақил омода гардида ба камол мерасем. Тухми муҳаббат ва эҳсоси ҳуввияти миллӣ дар оила кошта шуда, рушду нумӯъ мекунад. Одоб, ахлоқ ва муошрати иҷтимоӣ, хулоса тамоми хислатҳои неки инсонӣ низ аз ин ҷо сарчашма гирифта инкишоф меёбад[11]. Калонсолонро иззату эҳтиром кардан, ба хурдсолон шафқату меҳрубонӣ нишон додан, ба рафиқон самимию дилсӯз буданро кӯдак дар оила меомӯзад. Шахсе, ки дар оила ба бобою бибияш меҳрубон будан, падару модарашро эҳтиром ва ба онҳо итоат кардан ва ба ҳамсолонаш муоширати инсонӣ намудан ва мурувватро меомӯзад, дар ҷамъият ҳам бо ҳамин хислатҳои наҷибаш ворид мешавад. Аз ин лиҳоз, оила бояд дар асоси муҳаббати тарафайн ташкил карда шавад[12].

---

[10] Ниг.: Усмонов О., Маҳмудов М. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1994. Маҳмудов Маҳкам, Худоёров Бахтиёр. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2005. – 366с.

[11] Ниг. Баҳриддинов С.Э. ва дигарон. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд» /Дар зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Раҳимов М.З./. Душанбе: «Империал-Групп», 2011. 132 саҳ;

[12] Маҳмудов Маҳкам, Худоёров Бахтиёр. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2005. – 366с.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи оила дода нашудааст. Мафҳуми ягонаи оиларо санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии бевоситаи онҳо мебошад чунин шарҳ додааст: оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият аст.[13]

Тибқи назари С. И. Ожегова ва Н. Ю. Шевцовой зери мафҳуми оила – гӯруҳи хешовандони наздике, ки якҷоя зиндагонӣ мекунанд фаҳмида мешавад.[14]

Самуэл Дҷонсон қайд менамояд, ки "Оила организми иҷтимоӣ аст. Дар он шахс давом додани насли хеш, ба воя расонидани одам ва тарбияи онро амалӣ мегардонад. Оила аз олами мураккаби хислатҳои инсонӣ, такдирҳо, муносибати байниҳамдигарии аъзоёни он иборат аст»[15].

Пешвои Миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳои хеш қайд намуданд, ки "Оила ниҳоди устуворе мебошад, ки дар он марду зан шарики ҳаётӣ гардида, умр ба сар мебаранд ва насл ба дунё меоранд. Ин ниҳод бояд ҳамаҷониба саломат бошад ва тифли солимро ҳаст намуда, ба ин восита бақои миллатро устувор гардонад".

Оила кори хеле муҳим, хеле масъулиятноки одам аст. Оила ҳаётро пуру паймонтар карда, хушбахтӣ меорад. Вале ҳар як оила, хусусан дар ҳаети ҷамъият, пеш аз ҳама масъалаи бузургест, ки аҳамияти давлати дорад[16].

А.С. Макаренко зикр менамояд, ки "Бидуни меҳнати бомаънӣ, бидуни меҳнати ҷиддӣ, хушбахтии оилавӣ аз хаёлоти ишқбозӣ дида чизи дигаре нест".

К.Д.Ушинский "Ҳеҷ кас ба никоҳ маҷбур кунонида намешавад, аммо ҳар кас, модом ки никоҳ шуд, ба қонунҳои никоҳ бояд маҷбуран итоат кунонида шавад".

Карл Маркс "Ғамхорӣ дар бораи оила, ки дар он манфиатҳои ҷамъияти ва шахсии граҷданинҳо пайваст мешавад, яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат мебошад[17].

---

[13] Ниг.: қ.3.м.16 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948, қ.1.м.23 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз 19 декабри соли 1966, қ.1.м.10 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 19 декабри соли 1966,

[14] Ниг.: Ожегов С.И. и Шевцова Н.Ю. Толковый словарь русского языка: 72 500 слов и 7500 фразеологических выражений / Российская академия наук. Институт русского языка; Российский фонд культуры. – М.: АЗЪ, 1993. С. 736.

[15] Ниг: Чефанова Е. Судебный порядок расторжения брака // Российская юстиция. 1996. № 9.

[16] Ниг.: Усмонов О., Маҳмудов М. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1994. Маҳмудов Маҳкам, Худоёров Бахтиёр. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2005. – 366с.

[17] Ниг: Каменецкая М.С. СЕМЕЙНОЕ ПРАВО РОССИИ: Учебно-практическое пособие: М.: ЕАОИ, 2007. – 387 с.

В. И. Ленин “Он касе, ки барои боигарӣ хонадор мешавад, озодии худро мефурӯшад».

Герберт Спенсер «Баъзе одамон ба худ зани нодонро бо мақсади аз болои онҳо сарвари кардан интихоб мекунанд, вале доимо хатогӣ мекунанд”[18].

Самуэл Дҷонсон “Никоҳ бисёр ғамгинӣ меорад, вале беникоҳӣ ягон хурсандӣ намеоварад”.

Оила дар фарҳанги мардуми сарбаланди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эҳтирому эътироф шуда, дар он беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгарой ташаккул меёбад.

Тадқиқотчиёни муосир мафҳуми оиларо чунин шарҳ медиҳанд: оила иттифоқест, ки дар он шахсони бо ҳам зиндагикунандаро ҳуқуқ ва масъулиятҳои мутақобилаи дар қонунгузории оила нишондодашуда муттаҳид месозад.

Ҳамин тариқ дар зери мафҳуми оила – иттифоқи озод, ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии одамоне фаҳмида мешавад, ки ҳуқуқу вазифаҳои аз никоҳ, хешу таборӣ, ба фарзандӣ қабул кардан ва ба тарбия гирифтани кӯдак пайдошударо алоқаманд мекунанд. Оила гурӯҳи хурди одамон буда, муносибатҳоро дар асоси қоидаҳои одобу ахлоқ ба вуҷуд меоварад.

Тибқи қ.1.м 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Барои дар амал татбиқ намудани ин муқаррароти конститутсия аз тарафи давлату Ҳукумати кишвар якчанд тадбирҳо роҳандозӣ карда шуда барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ дар ин самт қабул шудааст, ки бешубҳа ба солимии ҷомеа ва **пойдориву устувории оила мусоидат хоҳад кард.**

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон **зимни** Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олӣ соли 2015 қайд карданд, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад. Бо дарназардошти аҳмияти масъала, мувофиқи мақсад аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад. Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва

---

[18] Ниг: Михеева Л. Ю. Взыскание алиментов на несовершеннолетних детей // Справочная правовая система «Консультант Плюс».

насли солим ташаккул меёбад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 «Соли оила» эълон карданд.

Пажӯҳиши оила боз дар худ пажӯҳишҳои: никоҳ, падару модарӣ, қавму авлодӣ, ҳуқуқӣ, молумулкдорӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои волидайн ва фарзандон, фарзандхонӣ, васият, парасторӣ, ва патронат ва ғ.масъалаҳоро муттаҳид сохтааст[19]. Пас лозим меояд, ки дар мустаҳкаму бардавом ёфтани оила алоқамандии чунин пажӯҳишгоҳоро низ омӯзем ва бубинем, ки то кадом дараҷа ҳар кадоме аз онҳо дар ин системаи тому ягона вазифаҳои доштаи худро иҷро карда истодаанд, кадом аст он мушкилот дар раванди амали гардонидани фаъолияти оилаю оиладорӣ дар ҷомеа[20].

Омилҳои объективию субъективие, ки дар ҷомеа ҳукумрон мебошанд, хоҳ нохоҳ ба иҷрои вазифаҳои оила таъсир (ё мусбат ва ё манфӣ). Вобаста ба ҳамаи гуфтаҳо, чи тавре, ки аз баъзе сарчашмаҳои ба ин масъала бахшида шуда бар меоянд, чунин вазифаҳои онро (оиладор) хотиррасон кардан ҷоиз мебошад:

- ✓ ба дунё овардани кӯдак, нигоҳ доштани наслҳо, давом додани риштаи ҳаёти инсонӣ ба воситаи оилаҳои солими ҷомеа;
- ✓ тарбия ва ба воя расонидани фарзандони солим;
- ✓ вазифаҳои хоҷагидорӣ ва маишӣ — маданӣ дар оила (ташкили фаъолияти меҳнатӣ, зиндадорӣ ва ғ.) вуҷуд доштаро такмилу ташаккул додан;
- ✓ ташкил намудани шароити хубу мӯътадил дар оила, ба роҳ мондани фароғати аъзо, гузаронидани чорабиноҳои маданӣ ва ғ.
- ✓ шароит муҳаё кардани оила баҳри қаноатмандии моддӣ, маишӣ, маданӣ ва ғ., талаботи аъзоёни оила ва боз дигар масъалоҳои оилаю оиладорӣ, ки аз он бар меояд[21].

Созмон додан, нигоҳ доштан, мустаҳкам сохтан ва давра ба давра баландмақом намудани мақому мароми оилаю оиладорӣ дар ҳамаи давру замонаҳо дар маркази бунёдкунандагони вай, аҳли ҷомеа, роҳбарони мақомоти дахлдори давлатию ҷамъиятӣ меистанд. Вобаста бо ҳамин, пеш дар пеш баҳри амалӣ гардонидани мақсадҳои хеш тараддудҳои зиёде андешида мешуданд то ин, ки дар воқеиёт ҳам оила воситаи ягонаю

[19] Ниг: Суханронии Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». 16.12.2010, шаҳри Душанб. Ҷумҳурият, №546.

[20] Ниг. :Маҳмудов М.А., Шарипов Т.Ш. Оила дар ҳифзи қонун. Душанбе. 2001. С. 58-61.

[21] Ниг: Антокольская М. В. Семейное право: Учебник. – Изд. 2-е, перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2003. С. 11, 31.

асосии ба дуне овардани фарзандони солим, тарбия ва ба воя расонидани ворисони бонангу номуси падару модарон, бунёдкунандагону созандагони ҷомеаю ҷомеадорӣ ва ғ. дигар пояндаю устувор бошад[22].

Ҳамин аст, ки оила то рафт мақоми баланди созандагӣ ва хушҳолиро пайдо намуда, дар қатори дигар ячейкаҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаю давлатии имрӯза аз ҷумла мақоми хеле ҳам муҳими одамон гардидааст. Оилаҳои зиёдеро мисол овардан мумкин аст ки «Боғи дили гармӣ» бисёриҳо шудаанду имрӯз ифтихори ҳамагонанд. Вақти он расидааст, ки чунин «Боғи дил» -ро ободу зебо гардонида, мақоми якумраи гарму ҷӯшон, хонаи умедбахши хурду калони ҷомеа гардонем. Дар ин роҳи муроду мақсад, тавассути хубу гуворо, давра ба давра, бо таври системанок ташкил карда гузаронидани тадқиқотҳои мушаххасси сотсиологӣ дарёфт намудани оилаҳои боз ҳам ободу зебо ва мустаҳакам намудани оилаю оиладорӣ мақоми муҳимро бозида метавонанд.

Шояд касеро ҳам ёфтан мушкил бошад, ки мақому мароми дар ҷомеа доштаи оилаҳоро инкор кунад ва ё нафаҳмад. Дар ҷомеа ячейкаҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ба монанди ҳамсолон, гурӯҳҳои коргарӣ, ҳамсинфон, ҳамкасбон, ҳамзабон, ҳамсабақон, инчунин коллективҳои меҳнатӣ, клубҳои ҷавонон, клубу ҷамъиятҳои варзишӣ, ҳунармандӣ, эҷодӣ ва ғайра хело ҳам бисёранд. Вале оилаю оиладорӣ аз ҷумлаи ячейкаи ҷамъиятие мебошад, ки мақому мароми доштаи онро ҳеҷ ягон дигар ячейкаҳои дар боло зикр ёфта ба ӯҳда гирифта наметавонад. Агар гӯем, ки фаъолиятмандии ҳамаи дигар ячейкаҳои зикр шуда пеш аз ҳама аз оилаю оиладорӣ, тавониста ба ҷо овардани вазифаҳое, ки дар назди онҳо истодааст, зич вобастагӣ доранд, хато намекунем. Дурустаст, ки мақому мароми оила дар давру замонҳои гуногун вобаста, ба сохти ҷомеаю ҷомеадорӣ, давлату давлатдорӣ ҳархела буданд ва аз ин рӯ вақте, ки сухан дар бораи мақому мароми доштаи оила меравад мебоист ҳатман чунин ҷиҳат дар назар дошта шавад. Характери таърихӣ доштани оила аз он ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки амали он таърихи дуру дарози тӯлониро дорад ва ҳар кадоме аз он давраҳо нақши хосаи худро дар ташкилу таъмин ва пешрафти оила гузошта тавонистааст[23].

Оила яке аз пажуҳишгоҳи хосаи иҷтимоӣ, қисми таркибии дигар пажуҳишгоҳои ҷамъиятӣ (сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтимодӣ ва ғ.) ба ҳисоб

---

[22] Ниг: Маҳмудов М.А. Оилаи чавон ва хуқуқ. – Душанбе, 1991.

[23] Маҳмудов Маҳкам, Худоёров Бахтиёр. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2005. – 366с.

меравад. Аз ин рӯ, пеш аз он ки ба ҳолати оилаю оиладорӣ баҳо дода шавад ва хулосаи аниқе гирифтан имкон гардад, чун ин зарурате пеш меояд, ки ҳатман ҳамаи чунин қисмҳои таркибии оилаю оиладорӣ, дараҷаи алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобастагии онҳо омӯхта шаванд. Дуруст аст, ки оид ва бештари ин паҳлӯҳои тадқиқотчиёни соҳа баъзе хулосагириҳои ҷолиберо пешкаш намудаанд. Аммо риштаҳои баҳсноку ҳалнаёфтаи ин ҷабҳаҳои муҳими соҳа ҳоло ҳам кам нестанд ва омӯзиши наву тозаеро талаб менамоянд.

Мавзӯи оилаю оиладориро омӯхта истода, такя ба сарчашмаҳои фаровон ва муаммои мавҷуда зарурате ба миён меояд, ки давраҳои таърихии қоматросткардану инкишофёбии онро хуб диди назар намоем ва фаҳмида гирем, ки чунин як масъалаи басо муҳимтарини илму фарҳангӣ то кадом дараҷа ҳаллу фасли худро дарёфтааст. Зеро сотсиолог пеш аз он ки дар бораи ҷиҳатҳои бевоситаи иҷтимоии ин масъала ҳарфе занад ва муайян созад, ки мақоми иҷтимоии оила дар ҷомеа, дар иҷтимоишавии инсон, тарбияю ташаккули ҳар нафаре, ки дар оила ба дуне меояд, чӣ гуна аст, ҳатман бояд ба таърихи пайдоиш, давраҳои тӯлонии инкишофёбии он аз наздик шинос бошад. Ба моҳият, мазмун, мақсад, мақому маром ва дигар паҳлӯҳои чунин як ячейкаи асоситарини ҷомеа хуб, аниқ, гуворох сарфаҳм рафтан, хулосагирии аниқ намудан аз тадқиқотчии масъала талаб менамояд, ки дар ҳақиқат ҳам саршори чунин донишҳо бошад. Боиси тазаккур мебошад, ки оила ба он масъалаҳои доманадор, мураккаб, серпаҳлӯдоштаи иҷтимоӣ ва ғ., ки дар бар мегирад, нозукиҳои худро дорост. Донистану хулосагирии дурусту аниқ кардан ба он муҳаққиқе насиб мегардад, ки ҳам донишҳои васеи ҷаҳоншиносӣ дошта бошад ва ҳам таҷрибаю малакаи хубу босамараи зиндагӣ.

Бояд қайд наму, ки саҳми оила дар рушду нӯмуи ҷамъият ва таълиму тарбияи насли ҷавон бавижа бузург аст. Беҳуда нест, ки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 ноябри соли 1995 қонунро дар бораи рӯзҳои ид қабул кард, ки мувофиқи он рӯзи 15 май рӯзи байналхалқии оила таҷлил гардид.

Хуллас, оила – мураббии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як инсон мебошад ва ҳар як инсон бо баробари тарбия гирифтан, меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунад ва ба ҳаёти мустақил пай монда ба камол мерасад.

**Шартҳои бастани ақди никоҳ. Монеаҳои бастани ақди никоҳ. Бекор кардани ақди никоҳ. Бастани ақди никоҳ бо шаҳрвандони**

**хориҷӣ. Бақайдгирии ақди никоҳ. Бекор кардани ақди никоҳ аз ҷониби суд.**

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки ақди никоҳ дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ баста мешавад. Ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар аз лаҳзаи дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифтани ақди никоҳ ба миён меояд.

Қайди бастани ақди никоҳ бо тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ба ҷо оварда мешавад.

Дар сурати аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ рад кардани бақайдгирии ақди никоҳ шахсоне, ки хоҳиши ақди никоҳ кардан доранд (яке аз онҳо), метавонанд ба суд арз намоянд.

Барои ақди никоҳ розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшаванда ва синни никоҳӣ доштани онҳо зарур аст.

Дар сурати мавҷуд будани монеаҳои дар моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикрёфта ақди никоҳ баста намешавад.

Агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, шартҳои иловагии зерин талаб карда мешаванд:

- истиқомат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз як соли охир;
- бастани аҳдномаи никоҳ ба таври ҳатмӣ.

Синни никоҳӣ аз ҳаждаҳсолагӣ муқаррар карда мешавад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳи дар ҳамин модда барои марду зан муқарраршударо ба меҳлати на бештар аз як сол кам кунад.

Ариза тибқи тартиби пешбурди алоҳида, дар суди маҳалли истиқомати шахсе, ки синнаш кам карда мешавад, баррасӣ мегардад.

Ҳуқуқи оид ба ҳамин масъала мурохиат намудан ба суд аз синни ҳабдаҳсолагӣ фаро мерасад.

Ақди никоҳ байни шахсони зерин манъ аст:

- байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар никоҳи дигари ба қайд гирифта шуда қарор дошта бошад;
- байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ.
- байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай (ки аз як падар ё модаранд);

- байни фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон;

- байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории реҳӣ ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) ғайри қобили амал эътироф кардааст;

-байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нешокиҳои спиртӣ ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст.

Ақди никоҳ дар натиҷаи вафот ё яке аз ҳамсаронро фавтида эълон намудани суд қатъ мегардад.

Ақди никоҳ бо роҳи бекор кардани он (талоқ) дар асоси аризаи зан ё шавҳар ё ҳардуи онҳо, васии зан ё шавҳаре, ки суд ӯро ғайри қобили амал эътироф намудааст, инчунин прокурор қатъ гардиданаш мумкин аст.

Шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани ақди ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд.

Ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 21-24 Кодекси оила ба тартиби судӣ бекор карда мешавад.

Баҳсҳо дар хусуси тақсими молу мулки муштараки зану шавҳар, пардохти маблағ барои таъминоти зан ё шавҳари эҳтиёхманди корношоям, инчунин баҳсҳо дар хусуси фарзандон, ки байни зану шавҳар ба миён меоянд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», сарфи назар аз бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ба тариқи судӣ баррасӣ мешаванд.

Ақди никоҳ аз тарафи суд дар сурати фарзандони ноболиғ доштани зану шавҳар, ба истисноии ҳолатҳои дар кисми 2 моддаи 19 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ё дар сурати ба бекор кардани ақди никоҳ розӣ набудани зан ё шавҳар, бекор карда мешавад.

Ақди никоҳ ба тартиби судӣ, инчунин дар ҳолатҳое, ки зан ё шавҳар бо вухуди мухолиф набуданашон аз бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ саркашӣ менамояд (ариза додан намехоҳад ё барои сабти бекор кардани ақди никоҳ ҳозир намешавад ва ғайра), бекор карда мешавад.

Зимни баррасии парвандаҳо дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, дар сурати розӣ набудани зан ё шавҳар барои бекор кардани ақди никоҳ, суд барои оштӣ додани зану шавҳар тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқ дорад,

ки баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба зану шавҳар барои оштишавӣ то шаш моҳ меҳлат диҳад.

2. Агар суд муқаррар намояд, ки зиндагии минбаъдаи якхояи зану шавҳар ва нигоҳ доштани оила имконнопазир гардидааст ва тадбирҳои оштӣ додани зану шавҳар натихаи дилхоҳ надоданд, ақди никоҳ бекор карда мешавад.

3. Агар суд даъвои бекор кардани ақди никоҳро рад кунад, зану шавҳар ҳуқуқ доранд, ки баъди гузаштани се моҳи пас аз рад шудани даъво дар хусуси бекор кардани ақди никоҳ такроран бо аризаи даъво мурохиат намоянд.

Ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар китоби сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ дар суд, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд қатъ мегардад.

Бекор кардани ақди никоҳ дар суд бояд дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд, мувофиқи тартиби барои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муқарраргардида ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Бекор кардани ақди никоҳ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш барои шахсони сеюм эътибори ҳуқуқӣ дорад.

Суд метавонад ақди никоҳро эътиборнок ҳисоб кунад, агар дар лаҳзаи баррасии парванда дар бораи беэътибор донистани ақди никоҳ ҳолатҳое, ки барои ақди никоҳ монеъ мешуданд, аз байн рафта бошанд.

Суд метавонад даъворо оид ба беэътибор донистани ақди никоҳе, ки бо шахси ба синни ақди никоҳӣ нарасида баста шудааст, рад кунад, агар инро манфиатҳои зан ё шавҳари ноболиғ талаб намояд.

Суд метавонад **ақди** никоҳи қалбакиро ҳақиқӣ эътироф намояд, агар то лаҳзаи баррасии парванда байни шахсоне, ки **ақди** никоҳ бастаанд, муносибатҳои заношӯӣ ба вухуд омада, онҳо барои идомаи ҳаёти оилавӣ розӣ бошанд, ба шарте, ки ҳақиқӣ донистани **ақди** никоҳ ба ҳуқуқҳои шахсони сеюм зарар нарасонад.

Ақди никоҳ пас аз бекор кардани он ıайриҳақиқӣ дониста шуда наметавонад, ба истисной ҳолатҳои вухуд доштани дарачаи хешии байни зану шавҳар, ки қонун манъ кардааст, ё ҳолате, ки зан ё шавҳар дар лаҳзаи бақайдгирии **ақди** никоҳ дар **ақди** никоҳи дигари бекорнашуда (моддаи 14 ҳамин Кодекс) қарор дошта бошанд.

**Оқибати ақди никоҳи беэътибор донисташуда**

Нисбати молу мулки якхоя бадастовардаи шахсоне, ки **ақди** никоҳашон беэътибор дониста шудааст, меъёрҳои Кодекси граждании Хумҳурии Тохикистон дар бораи моликияти умумии саҳмӣ истифода мешавад. шартномаи **ақди** никоҳе, ки зану шавҳар бастаанд беэътибор дониста мешавад.

Беэътибор донистани **ақди** никоҳ ба ҳуқуқи кӯдаконе, ки аз ин **ақди** никоҳ таваллуд ёфтаанд ё дар давоми сесад рези баъди беэътибор донистани **ақди** никоҳ ба дуньё омадаанд, таъсир намекунад.

Ҳангоми баровардани ҳалномаи дар бораи беэътибор донистани **ақди** никоҳ суд метавонад ҳуқуқи зан ё шавҳарро, ки баъди бастани чунин **ақди** никоҳ ҳуқуқаш поймол гардидааст, барои мутобиқи моддаҳои 90, 91 кодекси оила аз зан ё шавҳари дигар гирифтани таъминот эътироф намояд, нисбати тақсими **молу мулки** то рӯзи беэътибор донистани **ақди** никоҳ бадастомада бошад, метавонад муқаррароти дар моддаҳои 34, 38-39 Кодекси оила муайянгардидаро татбиқ кунад, инчунин шартномаи **ақди** никоҳро пурра ё қисман беэътибор донад.

Зан ё шавҳаре, ки дар натихаи бастани **ақди** никоҳи аз ҷониби суд беэътибор донисташуда ҳуқуқаш поймол гардидааст, ҳуқуқ дорад мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи қонунҳои ҳуқуқи маданӣ ҷуброни зарари моддӣ ва маънавии ба ӯ расонидашударо талаб намояд.

Зан ё шавҳари софдил ҳангоми беэътибор донистани **ақди** никоҳ ҳуқуқ дорад насаберо, ки ҳангоми сабти ақди никоҳ интихоб намудааст, нигоҳ дорад.

### 3. Ҳуқуқи молу мулкии ҳамсарон.

**Ҳуқуқи молумулки ҳамсарон** — пас аз қайди давлатии никоҳ дар байни зану шавҳар муносибатҳои молумулкӣ асоси ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Минбаъд дар ҷараёни никоҳ молу мулки якҷоя бадастовардашуда, ки қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ намудааст, амволи муштараки зану шавҳар ба шумор меравад ва амволе, ки зану шавҳар дар давраи ҳамзистӣ ҷамъ овардаанд, моликияти умумии онҳо ҳисобида мешавад (қисми якуми моддаи 34 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғайр аз ин муайян намудани низоми ҳуқуқии молу мулки якҷояи зану шавҳар, инчунин муносибатҳои ба моликияти ҳар кадоме аз зану шавҳар алоқаманд, вазъи ҳуқуқии молу мулки ҳамсаронро, ки дар аҳдномаи никоҳ муайян шудааст, ба танзим медарорад.

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сарчашмаҳои молумулкии ҳамсарон: аз фаъолияти меҳнатӣ - музди меҳнат, аз фаъолияти соҳибкорӣ, интеллектуалӣ (зеҳнӣ) - даромад, инчунин ёрдампулиҳо ва дигар пардохтҳои пулиро дохил намудааст.

Молу мулки якҷояи зану шавҳар аз маблағҳои пулӣ, амволи манқул - автомашинаҳои тамғаҳои гуногун, дигар воситаҳои нақлиёт, амволи ғайриманқул - хонаҳои истиқоматӣ, иморатҳо, мебели хона ва монанди онҳо, қоғазҳои қиматнок, вомбаргҳо (облигатсияҳо), барот (вексел), чек, сертификати бонкӣ, коносамент ва ғайра, саҳмияҳо – саҳмияҳои одӣ ва имтиёзнок, пай ва ғайра иборат аст. Ҳамаи амволи номбурда, ки танҳо дар давраи занушавҳарӣ ҷамъ оварда шудаанд, молу мулки муштараки онҳо ба шумор меравад. Ин амвол новобаста аз он ки ба номи зан ё шавҳар гирифта шудааст, моликияти муштараки онҳо мебошад. Номгӯи молу мулки якҷояи зану шавҳар, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, махдуд нест, чунки ба он намудҳои дигари молу мулк низ дохил шуданаш мумкин аст, ки қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ кардааст. Муносибатҳои ҳуқуқӣ роҷеъ ба молу мулки маштарак танҳо дар ҳолати дар никоҳи расмӣ будани зану шавҳар пайдо мешавад. Дар мавриди набудани никоҳи расмӣ ва мавҷудияти муносибатҳои никоҳи воқеан, яъне зиндагии якҷояи марду зан новобаста аз тӯлонӣ будани он асоси ҳуқуқиро роҷеъ ба молу мулки муштарак ташкил намедиҳад. Дар ин ҳолат муносибатҳои молумулкӣ ба воситаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда намешавад. Зану мард дар ин маврид ҳар яке соҳиби молу мулки алоҳидаи худ аст ва нисбати он қонунгузории ҳуқуқи маданӣ дар бораи моликияти ҳиссагӣ татбиқ мегардад.

Яке аз шартҳои дар қонун нишондодашуда ба вазъи то никоҳии шаҳрвандон алоқаманд мебошад, яъне молу мулке, ки то ақди никоҳ ба зан ё шавҳар тааллуқ дошт, моликияти шахсии ӯ ба ҳисоб меравад. Масалан, то хонадоршавӣ яке аз ҳамсарон соҳиби хонаи истиқоматӣ, мошин ва дигар навъи молу мулк бошад, ин амвол пас аз ба никоҳ даромадан низ ҳамчун моликияти алоҳидаи вай эътироф мешавад. Таҷрибаи судӣ гувоҳӣ медиҳад, ки тақсими молу мулки умумии ҳамсарон дар ду ҳолат рух доданаш мумкин аст: а) дар ҳо- лати қатъи никоҳи ҳамсарон; б) дар ҳолати вафоти яке аз ҳамсарон, вақте ки зарурати ба мерос додани моликияти шахсии ҳамсари фавтида ба миён меояд. Ғайр аз ду ҳолати зикршуда, имкон дорад, ки тақсими молу мулки муштараки зану шавҳар ҳангоми дар қайди никоҳ будани ҳамсарон бо тартиби судӣ низ амалӣ шавад, агар яке аз ҳамсарон ё қарз- диҳандаи ӯ даъво пешниҳод

намояд. Дар қонунгузории ои- лавӣ тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон бо қатъи никоҳ вобаста карда намешавад. Аз ин рӯ, суд ҳангоми дар қайди никоҳ будани ҳамсарон ҳуқуқи рад кардани аризаи даъво оид ба тақсими моликияти умумии зану шавҳарро надорад.

**Аҳдномаи никоҳ**

Дар муносибатҳои ҳуқуқии байни одамон ба воситаи шартнома муайян кардани низоми ҳуқуқии молумулкии миёни ҳамсарон ва онҳое, ки нияти издивоҷ кардан доранд, таърихи хеле қадима дорад.

Қадимтарин намунаи аҳдномаи никоҳро аз сангнавиштаҳои кӯҳи Муғ (асри VIII милодӣ) дарёфт кардаанд. Ҳамчун ҳуҷҷати муайянкунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии ҳамсарон дар давраи никоҳ ва дар ҳолати бекор шудани он эътироф шудани аҳдномаи никоҳ дар таҷрибаи давлатдории мамлакатҳои Ғарб низ таърихи дерина дорад ва дар замони ҳозира низ васеъ истифода мешавад.

Дар муқоиса бо қонунгузории оилавӣ, ки низоми молумулкиро аз лаҳзаи бастани ақди никоҳ ба танзим медарорад, аҳдномаи никоҳ на танҳо ҳуқуқи моликияти ҳамсаронро ба молу мулки дар давраи тоникоҳӣ ва дар давоми зиндагии якҷоя муқаррар месозад, балки дар мавриди бекор шудани никоҳ муҷозоти молумулкиро низ пешбинӣ менамояд. Яъне суд ҳангоми баррасии баҳси молумулкии ҳамсарон муқар- рароти аҳдномаи никоҳро дар навбати аввал ба эътибор мегирад.

Аҳдномаи никоҳ дорои мавзӯи хос – молу мулки ҳамсарон ва мазмуни мушаххас – низоми ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон аст ва бояд аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ ва аз нигоҳи шаклу мазмун ба талаботи аҳдҳои ҳуқуқи гражданӣ мувофиқат кунад. Тибқи моддаи 178-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «амали шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқӣ, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ равона гардидааст, аҳд дониста мешавад».

Аҳдномаи никоҳ мафҳуми нав буда, бори нахуст дар қонунгузории оилавӣ дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998) дохил карда шудааст. Шахсоне, ки нияти ақди никоҳ бастанро доранд, ё ин ки зану шавҳаре, ки дар никоҳи расмӣ мебошанд, ҳуқуқ доранд байни ҳамдигар аҳдномаи никоҳ банданд. Аҳдномаи никоҳ танҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии зану шавҳарро дар никоҳи расмӣ ё ҳангоми бекор кардани никоҳ муайян месозад ва аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ аҳди дутарафа мебошад, чунки дар ин аҳднома ду тараф – шахсоне, ки нияти ба никоҳ даромадан доранд ё ин ки зану шавҳари дар никоҳи расмибуда иштирок

менамоянд. Ҳамон мардону заноне аҳдномаи никоҳ баста наметавонанд, ки ба таври воқеӣ, бе қайди давлатии никоҳ зиндагӣ мекунанд ва дар оянда нияти ба расмият даровардани никоҳашонро тавре ки Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, надоранд.

Дар аҳдномаи никоҳ зану шавҳар ҳуқуқ доранд молу мулкеро муайян намоянд, ки дар ҳолати бекор кардани никоҳ ба ихтиёри ҳар кадоми онҳо вогузор мешавад. Зану шавҳар инчунин, ҳуқуқ доранд, ки ҳама гуна муқаррароти дигари марбут ба муносибатҳои молу мулкиашонро дар аҳдномаи никоҳ инъикос намоянд.

Қонунгузор муқаррар кардааст, ки шахсони нияти бастани аҳдномаи никоҳро дошта бояд шартҳои муайянро риоя намоянд. Яке аз шартҳои пешбиникардаи қонун дар он ифода меёбад, ки аҳдномаи никоҳ ба таври хаттӣ баста шуда, ҳатман бояд дар идораи нотариалӣ тасдиқ карда шавад. Дигар шарти қонун аз он иборат аст, ки аҳдномаи ни- коҳ танҳо ба муносибатҳои молумулкии зану шавҳари дар никоҳи расмибуда ва шахсоне, ки нияти ба никоҳ даромадан доранд, дахл дорад.

Мавзӯи баҳси аҳдномаи никоҳ молу мулки якҷояи зану шавҳар ё ин ки молу мулкест, ки онҳо дар оянда нияти ба даст овардан доранд. Инчунин, молу мулки яке аз ҳамсарон метавонад предмети ин аҳднома шавад.

Аҳдномаи никоҳ бемуҳлат баста мешавад, яъне ҳуқуқу уҳдадориҳои пешбининамудаи аҳднома метавонанд ба муҳлати муайян маҳдуд карда шаванд ё бо шарти фаро расидан ё фаро нарасидани муҳлат вобаста карда шаванд. Зану шавҳар метавонанд муҳлати аҳдномаи никоҳро бо ри- зояти якдигар муқаррар намоянд. Ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки муҳлати аҳдномаи никоҳро вобаста аз мундариҷаи он ба муддати 5 сол, 10 сол ё зиёда аз он муқаррар намоянд. Бояд қайд кард, ки аҳдномаи никоҳ наметавонад қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали зану шаҳар, ҳуқуқи онҳоро барои муроҷиат ба суд дар бобати ҳифзи ҳуқуқҳояшон – тан- зими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии зану шавҳар ва ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳарро нисбат ба фарзандон маҳдуд кунад ё худ чунин муқарраротеро пешбинӣ кунад, ки ҳуқуқи ҳамсари корношоямро ба таъминот маҳдуд кунад ё худ шартҳое дошта бошад, ки зан ё шавҳарро дар ҳолати ногувор гузорад.

Мувофиқи моддаи 43-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷи- кистон, зану шавҳар имконият доранд, ки ҳар вақте хоҳанд, аҳдномаи никоҳро тағйир диҳанд ё бекор кунанд. Дар ин маврид созишнома дар бораи тағйир додан

ё бекор кардани аҳдномаи никоҳ дар ҳамон шакле, ки аҳдномаи никоҳ баста мешавад, ба имзо мерасад.

Аҳдномаи никоҳ бо дарназардошти шартҳои дар он гу- зошташуда ҳатман бояд иҷро гардад. Барои ҳамин қонун- гузор аз иҷрои аҳдномаи никоҳ даст кашидани яке аз та- рафҳоро иҷозат намедиҳад. Қонун муқаррар мекунад, ки дар ҳолати ба созиш наомадани зану шавҳар бо талаби яке аз онҳо аҳдномаи никоҳ метавонад бо ҳалномаи суд тағйир дода ё бекор карда шавад.

### 4. Уҳдадориҳои алиментдиҳии ҳамсарон ва аъзоёни дигари оила.

Дар бисёр маврид миёни зану шавҳари талоқшуда оид ба тақсими меросу пардохти алимент нофаҳмиҳо ва моҷароҳо сурат мегиранд. Шахсони огаҳ ҳуқуқу манфиатҳои худро тариқи мақомоти судӣ ҳаллу фасл мекунанд, аммо чунин ҳам мешавад, ки ин раванд солҳо тӯл мекашаду гоҳе ҳалли худро намеёбад. Мо бо роҳи қонунӣ баррасӣ намудани алиментро матраҳ мекунем, ки дар Кодекси оилаи ҶТ возеҳ зикр шудааст. Огоҳӣ ва истифода аз талаботи Кодекси оила танҳо ба манфиати шаҳрвандон хоҳад буд.

Ин масъала дар фасли 5-и Кодекси оилаи ҶТ хеле муфассал баррасӣ шудааст.

**Моддаи 80**. Ӯҳдадориҳои алиментдиҳии падару модар барои таъминоти фарзандони ноболиғ

1.Падару модар вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Тартибу шаклҳои таъминоти фарзандонро падару модар мустақилона муайян менамоянд.

2.Падару модар ҳуқуқ доранд дар мавриди таъминоти фарзандони ноболиғи худ созишнома (созишнома дар хусуси пардохти алимент) мувофиқи боби 16 ҳамин Кодекс) банданд.

3.Агар падару модар фарзандони худро таъмин накунанд, маблағ барои таъминоти онҳо (алимент) аз падару модар тибқи тартиби муқаррарнамудаи судӣ ситонида мешавад.

Дар **Моддаҳои 81-84**-и кодекси мазкур андозаи алимент барои кӯдакони ноболиғ ва кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанду тибқи тартиби судӣ ситонида мешавад, муайян шудааст. Баъзе волидон фикр мекунанд, ки пардохти алимент танҳо барои тифлакону кӯдакон муайян шудаасту фарзандони болиғ ба он ҳуқуқ

надоранд. Чунин бовар борҳо боиси моҷаро ва баррасии парвандаҳои судӣ гаштааст. Ин масъаларо Кодекси оилаи ҶТ чунин матраҳ кардааст:

**Моддаи 85**. Ҳуқуқи фарзандони болиғи ғайри қобили меҳнат ба алимент

1.Падару модар вазифадоранд, ки фарзандони болиғи ғайри қобили меҳнати ба кӯмак эҳтиёҷманди худро таъмин намоянд.

2.Дар сурати мавҷуд набудани созишномаи пардохти алимент суд ҳаҷми алиментро барои кӯдакони болиғи ғайри қобили меҳнат ҳар моҳ бо пули устувор ситонида мешаванд, бо назардошти вазъи моддию оилавӣ ва дигар манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо муайян менамояд.

**Моддаи 86**. Ҳуқуқи фарзандони болиғи таҳсилкунанда ба алимент

1.Суд метавонад барои фарзандони ба синни балоғат расида, ки донишҷӯёни таҳсили рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошанд, мутаносибан то ба синни бистсолагӣ ва бистучорсолагӣ расиданашон аз падару модар алимент ситонад. (ҚҶТ аз 26.12.11с. №791)

Дар боби 14-и Кодеки оилаи ҶТ уҳдадориҳои алиментдиҳии зану шавҳар ва зану шавҳари собиқ нишон дода шудаанд, аммо дар таҷриба ва мушоҳидаҳо на ҳамеша талаботи мазкур риоя мешавад:

**Моддаи 91**. Ҳуқуқи зан ё шавҳари собиқ барои гирифтани алимент пас аз бекор кардани акди никоҳ

1.Шахсони зерин ҳуқуқ доранд ба тартиби судӣ аз зан ё шавҳари собиқи худ, ки маблағи заруриро доранд, алимент талаб кунанд:

-зани собиқ дар давраи ҳомиладорӣ ва дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умумӣ;

-зан ё шавҳари собиқи мӯҳтоҷе, ки фарзанди умумии маъюби то ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан ва фарзанди умумии маъюби модарзоди гурӯҳи якумро нигоҳубин мекунад;

-зан ё шавҳари собиқи ғайри қобили меҳнати мӯҳтоҷе, ки қобилияти меҳнатро то бекор кардани акди никоҳ ё дар давоми як соли пас аз бекор кардани акди никоҳ аз даст додааст;

-зан ё шавҳари мӯҳтоҷе, ки на дертар аз панҷ соли пас аз лаҳзаи бекор кардани ақди никоҳ ба синни нафақа расидааст, агар зану шавҳар дар муддати панҷ сол дар ақди никоҳ буда бошанд.

Дар мавриди дигар қонунгузор ҳолатҳои қатъ кардани таъминоти ҳамдигариро миёни зану шавҳари собиқ муайян кардааст, ки донистани онҳо низ хеле муҳиманд:

**Моддаи 94**. Қатъ гардидани ҳуқуқи таъминоти ҳамдигарии зан ё шавҳар

Ҳуқуқи зан ё шавҳар барои гирифтани таъминот (алимент) аз ҳамсари худ дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

- агар зан ё шавҳари мӯҳтоҷи корношоям вафот кунад;

- агар шартҳое, ки мутобиқи моддаҳои 90 ва 91 ҳамин Кодекс барои гирифтани алимент асос буданд, аз миён бардошта шаванд;

- агар зан ё шавҳари мӯҳтоҷи корношоям аз нав хонадор шуда бошад.

Дар боби 15-и Кодекси оилаи ҶТ уҳдадориҳои алиментдиҳии аъзои дигари оила нишон дода шудаанд. Дар мавриди Созишномаи пардохти алимент ва бастани он боби 16-и Кодекси оилаи ҶТ маълумоти муфассал медиҳад:

## БОБИ 16. СОЗИШНОМАИ ПАРДОХТИ АЛИМЕНТ

**Моддаи 101**. Шакли созишномаи пардохти алимент

1. Созишномаи пардохти алимент дар шакли хаттӣ баста шуда, аз тарафи идораи наториалии давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

Риоя накардани шакли созишномаи пардохти алимент, ки қонун муқаррар кардааст, боиси оқибатҳое мегардад, ки меъёрҳои қонунгузории гражданӣ пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 102**. Тартиби бастан, иҷро намудан, тағйир додан, бекор кардан ва беэътибор донистани созишномаи пардохти алимент

1. Бастан, иҷро намудан, тағйир додан, бекор кардан ва беэътибор донистани созишномаи пардохти алимент аз рӯи меъёрҳои Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Масъалаи асосие, ки дар ин уҳдадорӣ меҳварист, тартиби пардохт ва ситондани алимент маҳсуб меёбад. Ин талабот дар Кодекси оилаи ҶТ ба таври зайл баррасӣ шудааст:

## БОБИ 17.ТАРТИБИ ПАРДОХТ ВА СИТОНИДАНИ АЛИМЕНТ

**Моддаи 107**. Бо ҳалномаи суд ситонидани алимент

Дар сурати набудани созишномаи пардохти алимент аъзои оилаи дар ҳамин фасли Кодекс зикргардида ҳуқуқ доранд, ки бо талаби ситонидани алимент ба суд муроҷиат намоянд.

**Моддаи 108**. Мӯҳлати муроҷиат барои гирифтани алимент

1. Шахсе, ки барои гирифтани алимент ҳуқуқ дорад, сарфи назар аз мӯҳлате, ки аз лаҳзаи пайдо кардани ҳуқуқи алиментгирӣ гузаштааст, метавонад дар хусуси ситонидани алимент ба суд бо ариза муроҷиат кунад.

**Моддаи 109**. Муваққаттан ситонидани алимент

1.Аз рӯи парвандаҳо дар бораи ситонидани алимент суд ҳуқуқ дорад, ки то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи ситонидани алимент ва дар сурати барои кӯдакони ноболиғ ситонидани алимент - то қабул гардидани ҳалнома дар бораи ситонидани алимент оиди муваққаттан ситонидани алимент қарор барорад.

Ҳолатҳои зиёде буданд ва ҳастанд, ки алиментдиҳанда аз пардохти маблағи алимент саркашӣ мекунад ва алиментгиранда баъзан солҳо дар интизори пардохт ноумед мешаваду аз баҳри алимент ҳам мебарояд. Ба касе ва ҷое шикоят намебарад. Ба маънии дигар, даъво намекунад. Аммо ин қазия ҳалшаванда аст. Қонунгузор ин масъаларо хеле ҷиддӣ баррасӣ кардааст.

**Моддаи 114**. Муайян намудани қарзи вобаста ба алимент

1. Алимент дар асоси созишномаи пардохти алимент ё дар асоси варақаи иҷро барои мӯҳлати гузашта то давраи сесола ситонида мешавад.

2. Дар ҳолатҳое, ки алимент дар асоси варақаи иҷро ё созишномаи аз ҷониби нотариус тасдиқгардидаи тарафҳо оид ба ситонидани алимент бо айби шахсе, ки ӯҳдадор аст алимент супорад, пардохта нашуда бошад, алимент сарфи назар аз мӯҳлати сесолаи дар қисми 2 моддаи 108 ҳамин Кодекс муқарраргардида барои тамоми давра ситонида мешавад.

3. Андозаи қарзро иҷрочии суд дар асоси андозаи алиментӣ бо ҳалномаи суд ё созишномаи пардохти алимент таъиншуда муайян менамояд.

4. Андозаи қарзи алиментӣ мутобиқи моддаи 81 ҳамин Кодекс барои кӯдаки ноболиғ додашаванда дар давоми даврае, ки алимент ситонида нашудааст, муайян карда мешавад.

Аммо боз паҳлуи дигар масъаларо ҳам Кодекси оилаи ҶТ баррасӣ кардааст, яъне алиментдиҳанда метавонад аз додани қарз озод шавад. Дар кадом ҳолат?

Суд ҳуқуқ дорад бо даъвои алиментдиҳанда ӯро пурра ё қисман аз пардохти қарзи алимент озод намояд, агар муқаррар кунад, ки қарз бо сабаби бемории ин шахс ё бо дигар сабабҳои узрнок пардохта нашудааст ва вазъи моддию оилавии ӯ имконият намедиҳад, ки қарзашро пӯшонад.

Дар мавриди дигар алиментгиранда мутобиқи қонун имтиёзҳои махсусе дорад, ки барои сари вақт пардохт накардани алимент метавонад аз онҳо истифода барад. Ситондани ҷарима барои напардохтани алимент яке аз тадбирҳои ҳуқуқиест, ки тариқи талаботи қонунҳои амалкунанда татбиқ мегардад, аммо ин паҳлӯи масъаларо низ на ҳама медонанду истифода мебаранд.

Дар **моддаи 117**-и Кодекси оилаи ҶТ омадааст, ки агар бо роҳҳои ғайриқонунӣ, яъне пешниҳод кардани асноди қалбакӣ, бо роҳи фиребу таҳдид ба имзо расондани созишномаи пардохти алимент ё сохтакории созишнома пардохтҳои алиментӣ сурат гирифта бошад, он беэътибор дониста мешавад. Агар шахси алиментдиҳанда бо тақозои зиндагӣ ба давлати дигар раваду он ҷо сукунат гирад, вазифадор аст бо аъзои оилааш дар хусуси пардохти алимент созишномаи хаттӣ ба имзо расонад ва он тариқи нотариус тасдиқ шавад. Агар шахси манфиатдор (алиментгиранда) алимент нагирад, метавонад ба суд муроҷиат кунад ва ин мушкилро ҳал намояд. Масъалаи дигаре, ки қонунгузор онро баррасӣ кардааст, ин қатъ намудани уҳдадориҳои пардохти алимент аст. Дар кадом ҳолатҳо алиментдиҳанда аз пардохти алимент озод мегардад?

Пардохти алиментӣ тибқи тартиби судӣ ситонидашаванда дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

-дар сурати ба балоғат расидани кӯдак ё дар ҳолати то ба балоғат расиданашон қобили амал ҳисоб шудани кӯдакони ноболиғ;

-баъди фарзандхондӣ шудани кӯдаке, ки барои таъминоти ӯ алимент ситонида мешуд;

-пас аз таҳсилро дар муассисаҳои таълимии маълумоти миёна ё олӣ хатм кардани кӯдакони ба балоғатрасида;

-ҳангоми аз ҷониби суд эътироф гардидани барқарор шудани қобилияти меҳнатӣ ё қатъи мӯҳтоҷии алиментгиранда;

-дар сурати аз нав никоҳ кардани зан ё шавҳари собиқи мӯҳтоҷи корношоями алиментгиранда (моддаи 94 ҳамин Кодекс);

-вафот кардани шахси алиментгиранда ё шахсе, ки ба додани алимент ӯҳдадор аст.

Пардохти алимент уҳдадории падару модар аст ва иҷрои онро қонунҳои амалкунанда талаб менамоянд, аммо ба ҷурми надонистан, ноогоҳӣ ва бемасъулиятӣ баъзе волидон дар анҷом додани ин рисолат канораҷӯӣ мекунанд. Пас, муҳим аст, ки шумо, бонувони азиз, аз ҳуқуқу манфиатҳои худу фарзандон огаҳ бошеду аз онҳо кор бигиред ва адои масъулияту рисолатро дар пардохти алимент тибқи қонун талаб намоед!

### 5. Фарзандхонӣ. Тартиб ва шартҳои фарзандхонӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлоли тозабунёд мебошад ва ба воситаи қонунҳои худ дар ҳаққӣ кӯдакони бепарстор ва бопарастор дар кӯдакистонҳо, мактаб-интернатҳо, хонаи бачагон ва ғайраҳо ғамхорӣ намуда, тамоми шароитҳои заруриро баҳри онҳо омода месозад. Пароканда шудани оилаҳо ба тарбияи насли наврас хатари ҷиддӣ расонда, ба зиёд шудани кӯдакони бепарастору бехона мусоидат мекунанд.

Фарзандхонӣ – ин санади ҳуқуқие мебошад, ки дар натиҷаи он байни ашхоси ба фарзандӣ қабулкунандаю хешовандони онҳо ва ашхоси фарзандхоншаванда ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падару модарӣ ва фарзандиро, ки бо тамоми нозукию оқибатҳояш пайдо мешаванд ба танзим медарорад, ки айнан байни падару модарони фарзандон хос аст. Ба фарзандхонӣ ашхоси бе падару модар ва падару модар дошта қабул мешаванд. Фарзандхонӣ бо розигии ҳатмии зану шавҳар гирифта мешавад, дар натиҷаи набудани онҳо розигии мақомоти васоят ва парасторӣ ҳатман зарур аст. Шахсоне, ки ба фарзандхонӣ кӯдакро мегиранд ӯҳдадоранд, ки ҳамчун падару модари ҳақиқӣ ӯро таълиму тарбия дода, ҳамаҷониба таъминоти ӯро бар душ гиранд, дар бораи хушбахтии ӯ ва фарзанди сазовори ҷомеа ба воя расонидани ӯ кӯшиш

кунанд. Моддаи 21 Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак мавҷудияти низоми фазандхонкуниро эътироф ва иҷозат дода, манфиатҳои аввалиндараҷаи кӯдакро пеш аз ҳама ба инобат гирифта фарзандхоникунии кӯдакро танҳо аз ҷониби ҳокимияти салоҳиятдор иҷозат додааст. Аз ин мебарояд, ки натанҳо дар ҷумҳурии мо балки дар дигар кишварҳо ҳам фарзандхонкуни масъалаи ниҳоят муҳим буда, барои тарбияи кӯдакони бепарастор кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд. Фарзандхониро шуъбаҳои васоят ва парастории ҳукуматҳо ба расмият даровард ба ба шахсияти фарзандгирандагон эътибори калон медиҳанд. Баъди ба расмият даровардан, фарзандхонӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Ба шахсоне, ки:

– аз ҳуқуқи падарию модари маҳруманд;

– шахсони ғайриқобили амал;

– қобилияти амалиашон маҳдуд;

– шахсони барои надодани алименти фарзандон маҳкумшуда;

– шахсоне, ки ба фарзандхонӣ ашхоси ноболиғро гирифтаанду аммо аз ӯҳдаи ин кор набаромадаанд, ӯҳдадориашонро ба таври дахлдор иҷро накардаанд фарзандхонии онҳо бекор карда шудааст, аз ҳуқуқи ба фарзандхонкунӣ гирифтани кӯдак маҳруманд.

Фарзандхонӣ бе муҳлат аст ва иҷрои вазифаҳои ашхосе, ки ба фарзандӣ кӯдакро қабул мекунанд ба монанди вазифаҳои васоят ва парасторӣ ба зиммаи шуъбаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ вогузор карда шудаанд. Вақти ба фарзанхонӣ қабул кардани кӯдак ҳам саломатии кӯдак ва ҳам саломатии фарзандхонкунанда аз ташхиси тиббӣ мегузарад, лекин ҳолати саломатии кӯдак ба назар гирифта намешавад. Дар мавридҳои касалии вазнини ирсӣ, бемории гузаранда ё дигар намудҳои касалие, ки ба кӯдак зараровар набошанд, ба фарзандхонӣ дода намешаванд. Агар ашхосе, ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул мекунад дар бораи маризии ӯ донад вале ба фарзандӣ қабул кунад, ягон мамониат пеш намеояд. Танҳо кӯдакони ноболиғро ба фарзандӣ гирифтан мумкин аст. Мувофиқи қонуни оила агар кӯдаки ноболиғ ба синни 10-солагӣ расад бе розигии ӯ ва бе розигии мақомоти суд ба фарзандӣ гирифтан мумкин нест. Барои ба фарзандӣ гирифтан, ашхос ихтиёрона ариза навишта бо қарори суд кӯдакро ба фарзандӣ қабул мекунад.

Дар асоси пешбинӣ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҳолатҳо фарзандхонӣ беэътибор дониста мешавад:

– ҳуҷҷатҳои қарор дар бораи фарзандхонӣ қалбакӣ бошад; – аз ҳуқуки падару модарӣ маҳрум карда бошад;

– қобилияти амалкуни надошта бошад;

– ғайриқобили амал дониста шуда бошад;

– агар пештар ба фарзандӣ қабул шуда бошад;

– ашхоси болиғ ба фарзандӣ қабул шуда бошад;

– фарзандхонӣ қалбакӣ эътироф шуда бошад.

Фарқияти байни институти фарзандхонӣ аз институти васоят ва парасторӣ дар он аст, ки дар ҳама муносибатҳо шахсони ба фарзандӣ кӯдакро қабулкарда бо ҳуқуқҳои падару модарии кӯдак баробар ҳисоб меёбанд ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падару модари ва фарзандиро бо тамоми оқибатҳояш пайдо мекунанд. Ин гуна ҳуқуқу ӯҳдадориро институти васоят ва парасторӣ пайдо карда наметавонад. Муносибатҳои ҳуқуқии ҳарду институт бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим даровarda мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, меҳру муҳаббати падару модариро дар рӯи дунё ягон кас гирифта ва иваз карда наметавонад аммо мутаасифона дар замони мо оилаҳое пайдо мешаванд, ки ба ин чиз мӯҳтоҷанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлоли тозабунёд мебошад, ки истиқлолияти хешро 9 сентябри соли 1991 эълон кардааст. Ин кишвари офтобруя даҳшати ҷанг ва оқибатҳои он, зуҳури мухолифат дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, душвориҳои барқарор кардани хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, мушкилоти расидан ба ваҳдати миллӣ ва буҳрони тӯлонии иқтисодиро аз сар гузаронд. Дар кишвар ислоҳоти сиёсӣ гузаронида шуд. Ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки Президент ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд. Мувофиқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунӣ, муносибатҳои оилавӣ дар Тоҷикистон танзим карда мешаванд. Қонунгузории оилавӣ нисбати зану шавҳар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар муайян карда, иҷрои ҳуқуқ ва вазифаҳои худ аз тарафи аъзоёни оила набояд вайрон карда шаванд озодӣ ва манфиатҳои қонунии аъзоёни дигари оила, ашхоси дигар ва ҳамчунин меъёрҳои маънавии ҷамъиятро вайрон кунанд, талаб мекунанд, ки риоя намоянд.

**6. Дигар мавзуҳои вобаста: Васоят ва парасторӣ. Муқаррар намудани падарӣ. Танзими ҳуқуқии мерос.**

Мафҳуми васоят ва парасторӣ. Мафҳуми кӯдак мутобиқан ба қ.1.м.55 КО ҶТ шахсе эътироф карда мешавад, ки ба синни 18 солагӣ нарасидааст, яъне бо мафҳуми «ноболиғ» баробар аст. Ин тартиб айнан дар моддаи 1-ӯми Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак оварда шудааст. Мувофиқи ҳуқуқи оилавӣ васоят, парасторию патронат ин роҳҳои қонуние мебошанд, ки ба воситаи онҳо барои дар шароити оилавӣ мустаҳкаму бардавом тарбия намудани кӯдаки аз назорати падару модар маҳрум гашта ва ҳифзи ҳуқуқу манфиати онҳо шароит пайдо карда мешавад.

Васоят нисбати кӯдакони синнашон ба 14 нарасида, (б. 2 моддаи 147 КО ҶТ) дар ҳолатҳое муайян карда мешавад, ки кӯдак бе парастории волидайн ва муҳтоҷи таъмини моддӣ мебошад. Васоят ва парасторӣ – институти ҳуқуқии байнисоҳавӣ мебошанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша нисбат ба тарбияи насли наврас ғамхории махсуси давлатро инъикос мекунанд. Тибқи ҳуқуқи оилавӣ васоят парасторию патронат барои тарбия кардан ва муҳофизат намудани молу мулки шахсии кӯдаконе, ки дар натиҷаи фавти падару модар ё аз ҳуқуқи падару модари маҳрум кардани онҳо дар натиҷаи маризии сахти падару модар ё бо дигар сабабҳо бе сарпарасти падару модар мондаанд, муқаррар карда мешавад. Ба падар ё модаре, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд (моддаи 69 КО ҶТ) бо иҷозати мақомоти васигӣ ва парасторӣ бо кӯдак вомехӯранд, агар ин вохурӣ ба кӯдак таъсири зарарнок нарасонад ё ба ҳаёту саломатии кӯдак хатарнок набошад.

Мувофиқи қонуни оилавӣ падару модар барои таъмини фарзанди ноболиғи худ ӯҳдадоранд. Дар натиҷаи таъмин накардани фарзандон аз тарафи падару модар маблағи таъминоти онҳо ба воситаи суд рӯёнида мешавад. Он муносибатҳои ҳуқуқие, ки байни мақомоти парастору васигӣ пайдо мешаванд, бо ҳуқуқи маъмурӣ танзим мегарданд.

Масъалаҳое, ки оиди васоят ва парастории кӯдакони ноболиғ бармехезанд дар маҳал ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вогузор шуда, шахсоне, ки онҳоро суд ғайри қобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф кардааст, ба шуъбаҳои нигоҳдории тандурустӣ, ва ба ӯ шахсони қобили амалие, ки ваъзи саломатиашон ба парасторӣ муҳтоҷанд, ба зиммаи шуъбаҳои таъминоти иҷтимоӣ вогузор шудаанд. Ҳангоми ба васоят додани кӯдак ҳолати саломатии кӯдак ва саломатии васӣ аз назорати духтур гузаронида мешавад.

Бинобар ҳамин васигӣ кори бисёр масъулиятнок аст ва ҳар кас васӣ шуда наметавонад. Барои интихоби васӣ ҳама хислатҳои шахсии

васишаванда, қобилиятнокии ӯ, ба пуррагӣ аз иҷрои вазифа ва ӯҳдадори баромадани васӣ, муносибати у бо ашхосе, ки ба васигӣ муҳтоҷанд, ва хоҳишу розигии ашхоси ба васоят додашаванда ба назар гирифта мешавад.

Ашхосе, ки ба васиги муҳтоҷанд инҳоянд:

– синнашон ба 18 нарасида;

– ғайри қобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф карда;

– аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда;

– пеш аз ин фарзандхонанда будаю бинобар ин ӯҳдадориро бо таври дахлдор иҷро накардан, аз ин вазифа озод карда;

– бинобар ӯҳдадории васигӣ ё парасториро ба таври дахлдор иҷро накарданаш аз ин ӯҳдадорӣ озод карда;

– шахсони бинобар надодани алимент ба кӯдакони маҳкум шуда васӣ ё парастор шуда наметавонад.

Васӣ ва парастор бо розигии худашон таъин карда мешаванд. Вазифаи васигӣ бемузд буда, асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зиёдеро талаб мекунад. Вазифаи васиён иборат аст аз:

– тарбия намудани ашхоси дар васоят буда;

– оиди саломатии ноболиғон, инкишофи ҷисмонии онҳо, инкишофи маънавию ахлоқии онҳо ғамхорӣ кардан;

– оиди таҳсилашон назорат бурдан;

– онҳоро ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб кардан;

– онҳо дар ҷамъият ба тавре ба камол расанд, ки шаҳрвандони арзандаи ҷомеаи навин бошанд;

– ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро ҳамчун васӣ ҳимоя карда тавонанд.

Дар ҳайёт шахсоне пайдо мешаванд, ки аҳволи саломатиашон хеле бад буда ба парасторӣ муҳтоҷанд. Фақат шахсоне, ки ба ҳайси васӣ ё парастор фаъолият мекунанд аз ӯҳдаи ин нақши бағоят дилрешкунанда мебароянду халос.

Васиёни ашхоси болиғ ӯҳдадоранд, ки аз таъминоти ҳамарӯзаи дар васоят будагон бохабар бошанд; тамоми шароитҳои заруриро баҳри онҳо муҳаё созанд; оиди нигоҳубин ва муолиҷаи ҳамарӯзаи онҳо ғамхор бошанд; ҳуқуқҳои онҳоро ба манфиати онҳо ҳифз карда тавонанд. Васӣ бо ашхоси ноболиғ дар якҷоягӣ зиндагӣ мекунад. Агар васӣ рафтори некбинона дошта нисбати ашхоси дар васоят буда, таъбири бадхоҳона надошта бошад. Дар баъзе мавридҳо мақомоти васоят ва парасторӣ иҷозат медиҳанд, ки парасторшаванда, ки синнаш ба 16 расидааст,

алоҳида зиндагӣ кунад. Ҷои истиқомати васӣ ва ашхоси дар васоят буда, як суроға эътироф карда мешавад, лекин васӣ ба манзил ҳуқуқи мустақил пайдо намекунад.

Кӯдаконе, ки бо амри тақдир ба хонаи бачагон ва хешовандон ба парасторӣ дода мешаванд, хонаи истиқоматии онҳо, ки пештар дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, новобаста аз он ки дар он дигар аъзоёни оила зиндагӣ мекунанд, нигох дошта мешавад. Баъзан вақт мешавад, ки падару модар ё ашхоси дигар бе асоси қонунӣ кӯдакро ба худ нигоҳ медоранд вале васиён ҳуқуқ доранд, ки ба воситаи суд онро ба худашон баргардонанд. Одатан васиён аз ҳисоби худ кӯдакони парасторро нигоҳубин намекунанд, онҳо аз ҳисоби молу мулк, ёрдампулӣ, нафақа (алимент) ва дигар даромадҳои ашхоси дар васоят буда, ки вақти васигӣ ба васӣ мегузаранд, нигоҳубин карда мешаванд ва ин маблағҳо ба ҳифз ва манфиати ашхоси дар васоят буда хароҷот карда мешаванд.

Васӣ шахси қонунии ашхоси дар васоят буда ба ҳисоб рафта, бо тартиби муайян ва шароитҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда амал карда, аз номи ӯ баъзе аҳдҳоро мебандад. Аммо баъзе аҳдҳое ҳастанд, ки васӣ ҳуқуқи бастани онҳоро надорад. Ба инҳо мисол шуда метавонанд:

– тақсим кардани молу мулки ашхоси дар васоят буда;

– фурӯхтани манзил;

– бахшидан ва иваз кардани манзил;

– бо роҳи дигар аз худ соқит кардани молу мулки дар васоят буда;

– бастани шартномаҳои нотариалӣ;

– даст кашидан аз ҳуқуқҳои шахсӣ. Барои ин гуна аҳдҳоро бастан васӣ бояд ба мақомоти васоят ва парасторӣ ҳатман муроҷиат кунад, ҳатто шахсони наздики васӣ ё ашхоси дар васоят буда ҳақ надоранд, ки аҳдҳоро банданд ва ё намояндагӣ кунанд.

Баъд аз 14- сола шудани ашхоси дар васоят буда, васоят қатъ мегардад. Вазифаи васигӣ низ бе ягон таъиноти махсуси мақомоти васоят ва парасторӣ қатъ гардонида мешавад. Васӣ-парастор метавонад баъди васигӣ парастори ашхоси дар васоят буда, то синни 18 –солагӣ гардад ва то ба ақди никоҳ даромадани онҳо қатъ мегардад.

Қатъ гардидани васигӣ:

– баргардонидани кӯдакон ба тарбияи падару модар;

– ба фарзандӣ қабул шудани кӯдакон;

– ба муассисаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ супоридани кӯдакон.

Дар ҳолатҳои сӯистифода бурдан аз васигӣ ё парасторӣ, бо мақсади ғаразона истифода бурдани ашхоси дар васоят буда, бе назорат

монондани ӯ, дар вақтҳои зарурӣ бе ёрии таъҷилӣ монондани ашхоси дар васоят буда, васиро аз рӯи нишондодҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашанд.

Ҳамин тавр, фаъолияти мақомотҳои васоят ва парасторӣ, васиёну парасторон фақат ба тарбия ва нигоҳубини ашхосе, ки аз падару модар маҳруманд ё рӯ гардонданд равона карда шудааст. Ин корест, ки хайру савобаш ниҳоят зиёд буда, сазовори эҳтироми хоса мегарданд.

**Муқаррар намудани падарӣ.**

Талабот оид ба муқаррар кардани падарӣ бо роҳи пешниҳоди даъво дар суд баррасӣ мегардад ва дар байни парвандаҳои дигари марбут ба масъалаҳои оилавӣ мавқеи хоса дорад. Дар натиҷаи чунин даъво тақдири ба вуқӯъ омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ байни падару модар ва фарзанд ҳал мегардад.

Яъне қонеъ гардонидани даъво маънои онро дорад, ки байни падар ва фарзанд муносибатҳои оилавӣ бо оқибатҳои ҳуқуқии он асоси қонунӣ пайдо менамояд.

Таҷрибаи судӣ шаҳодат медиҳад, ки одатан падари кӯдак аз додани ариза ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ оид ба муқаррар кардани падарӣ саркашӣ менамояд. Ҳолатҳое низ мешавад, ки модари кӯдак барои ба таври расмӣ эътироф гардидани падари воқеӣ монеа мегардад. Пас дар ҳолати ба таври ихтиёрӣ муқаррар накардани падарӣ ин воқеият бо роҳи судӣ баррасӣ мегардад. Ҳуқуқи ба суд муроҷиат карданро дар бораи муқаррар кардани падарӣ қонунгузор ба ашхоси зерин додааст:

1) яке аз падару модар;
2) васӣ ё парастори кӯдак;
3) шахсе, ки кӯдак дар таъминоташ аст;
4) кӯдаке, ки ба балоғат расидааст.

Қисми 2 моддаи 50 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро муқаррар намудааст, ки суд ҳангоми баррасии парванда оид ба муқаррар кардани падарӣ бояд ба назар гирад.

Ҳангоми баррасии ин қабил парвандаҳо суд бояд яке аз ҳолатҳоеро, ки қонун пешбинӣ кардааст, зиндагӣ ва хоҷагии якҷоя бо модари кӯдак доштани ҷавобгарро ба инобат гирад. Зиндагии якҷоя ва пешбурди хоҷагии якҷоя байни модари кӯдак ва ҷавобгар бояд то таваллуди кӯдак ҷой дошта бошад.

Бояд қайд кард, ки Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати зиндагии якҷояи модари кӯдак ва ҷавобгарро муқаррар накардааст. Ин ҳолат ҳамеша дар иртибот бо лаҳзаи саршавии ҳомиладорӣ бояд омӯхта шавад ва суд ӯҳдадор аст, ки ҳолатҳои номбурдаро дар ҳар як воқеияти мушаххас муқаррар намояд.

Инчунин қонунгузор пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми муқаррар кардани падарӣ суд тарбияи муштарак ё таъмини кӯдакро аз ҷониби ҷавобгар ва модари кӯдак ба инобат гирад. Ҳар яке аз ҳолатҳои номбурда дар алоҳидагӣ асоси мустақили қонеъ намудани даъво шуданашон мумкин аст.

Таҷрибаи судӣ таҳти мафҳуми таъмини кӯдак дар таъминоти модар ва ҷавобгар будани ӯро, ё ин ки аз ҷониби ҷавобгар новобаста аз ҳаҷми кӯмак ба таври мунтазам расонидани онро ба кӯдак дар назар дорад. Шарт нест, ки кӯмаки ҷавобгар ба кӯдак доимӣ ё ин ки сарчашмаи асосии рӯзгузаронии ӯ (кӯдак) бошад.

Ғайр аз ҳолатҳои номбурда қисми 2 моддаи 50 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ки суд ҳангоми муқаррар кардани падарӣ инчунин далелҳои дигари боэътимодеро, ки аз ҷониби шахси мушаххас таваллуд шудани кӯдакро тасдиқ менамоянд, ба назар мегирад. Ин талабот маънои онро дорад, ки ҳолатҳои номбурдаи Кодекс маҳдуд набуда, ин номгӯй васеъ мебошад ва он имконияти бо роҳи судӣ муқаррар кардани падариро зиёдтар намуда, ба ҳимояи манфиатҳои кӯдакони берун аз ақди никоҳ таваллудёфта равона карда шудааст. Барои ҳамин ҳам, дар муқаррар кардани падарӣ мавқеи экспертизаҳо баланд мегардад. Ҳангоми баррасии чунин парвандаҳо судҳо одатан гузаронидани экспертизаҳои судию биологӣ, судию гинекологӣ, судию урологиро таъин менамоянд. Хулосаҳои ин экспертизаҳо бояд бо маҷмӯи дигар далелҳо дар муайян намудани пайдоиши кӯдак аз шахси мушаххас мусоидат кунад.

Дар баррасии парвандаҳо оид ба муқаррар кардани падарӣ аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ истифода кардани даъвогар бояд ба манфиатҳои кӯдак мувофиқат намояд. Ҳолатҳо ва тартиби муқаррар кардани падариро қонун муайян намудааст, аз ин сабаб таҷрибаи судӣ доир ба ин парвандаҳо тасдиқ кардани созиши тарафҳоро инкор менамояд. Чунин таҷриба ба ҳимояи манфиатҳои кӯдак мувофиқ аст. Масалан, суди ноҳияи Октябри (ҳоло И. Сомонӣ) шаҳри Душанбе ҳангоми баррасии даъвои Х. ба О., дар бораи муқаррар кардани падарӣ нияти ҷавобгарро дар хусуси оянда дар мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳал намудани масъала

ба инобат нагирифта, падарии О-ро нисбати духтараш Н., муқаррар намуд.

Дар мавриди дар суд розӣ будани ҷавобгар ба ихтиёран эътироф кардани падарии худ ва розигии даъвогар оид ба ин масъала, судя то пешниҳод намудани шаҳодатнома дар бораи муқаррар кардани падарӣ баррасии парвандаро бояд мавқуф гузорад. Ҳангоми пешниҳод накардани шаҳодатномаи зикргардида судя парвандаро моҳиятан баррасӣ менамояд. Агар судя пешакӣ шаҳодатнома дар бораи муқаррар кардани падариро нагирифта баррасии парвандаро бинобар созиши тарафҳо қатъ намояд, он гоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба таври ихтиёрӣ ба расмият надаровар-дани падарӣ аз ҷониби ҷавобгар ҳимояи манфиатҳои кӯдак халалдор мегарданд. Ғайр аз ин, аз рӯи талаботи қонуни мурофиавӣ роҳи такроран муроҷиат ба суд аз рӯи ин даъво манъ мегардад. Ҳамин тавр, ҳимояи манфиати кӯдаки берун аз никоҳ таваллудшуда моҳиятан баррасӣ намудани парвандаро талаб менамояд.

***Аз ҷониби суд муқаррар намудани далели эътирофи падарӣ***

**Дар ҳолати фавти шахсе, ки худро падари кӯдак эътироф мекард, вале бо модари кӯдак ақди никоҳ надошт, далели падар эътироф шудани ӯ метавонад аз рӯи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунҳои мурофиаи гражданӣ бо тартиби судӣ муқаррар карда шавад (моддаи 51 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

Дар қонунгузории оилавии ҷумҳурӣ муқаррар намудани далели эътирофи падарӣ аввалин маротиба расман пешбинӣ шудааст. Ба ин нигоҳ накарда, то қабули Кодекс тартиби баррасии ин қабил парвандаҳо аз ҷониби КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда буд ва ҳоло низ амал дорад.

Парвандаҳои номбурда бо тартиби пешбурди махсус бар-расӣ мегарданд. Барои он қонун чунин тартибро пешниҳод кардааст, ки ҷавобгар дар ҳаёт нест ва нисбати ӯ даъво пешниҳод кардан аз имкон берун аст. Ғайр аз ин, далелҳо оид ба эътирофи воқеияти муқаррар кардани падарӣ бояд бо роҳи судӣ санҷида шаванд, чунки қонеъ кардани ариза оқибатҳои ҳуқуқӣ дорад.

Моддаи 51 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсонеро, ки ҳуқуқи бо ариза ба суд муроҷиат карданро доранд, номбар накардааст. Омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки одатан модари кӯдак ба суд ариза пешниҳод менамояд. Аммо аз ҷониби шахсони дигар – васӣ (парастори) кӯдак,

шахсе, ки кӯдак дар таъминоташ аст ва худи кӯдаки ба балоғат расида пешниҳод намудани ариза ҷой доштанаш мумкин аст.

Ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба муқаррар намудани воқеияти эътирофи падарӣ ба далелҳое эътибор додан лозим аст, ки эътирофи падарии шахси фавтидаро холисона тасдиқ менамоянд. Одатан таҷрибаи судӣ доир ба ин парвандаҳо нишон медиҳад, ки модари кӯдак бо шахси фавтида дар ақди никоҳи воқеӣ буда, муддати тӯлонӣ зиндагӣ намудааст. Ҳалномаҳои судҳо оид ба воқеияти эътироф намудани падарӣ бо далелҳои зиндагии якҷоя; таъминот ва тарбияи кӯдаки аз модар ва шахси фавтида таваллудшуда; гузаронидани тӯй; аксҳои рӯзи тӯй; нишондоди шоҳидон (ҳамсояҳо, хешу табори модари кӯдак ва шахси фавтида); номаҳои шахси фавтида дар бораи аз ҷониби ӯ эътироф шудани кӯдак; маълумотномаҳои идораи хонаҳо ва дафтари хоҷагӣ дар бораи дар нигоҳубини аризадиҳанда ва шахси фавтида будани кӯдак асоснок карда мешаванд.

Мақсади муқаррар кардани воқеияти эътирофи падарӣ ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати кӯдак нигаронида шудааст. Аввал ин ки ҳангоми эътироф кардани воқеияти падарӣ кӯдак дар бораи кӣ будани падараш огоҳ мешавад. Ҳалномаи суд асоси ҳуқуқии пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ – оилавӣ мегардад ва кӯдак асоси қонунӣ ба ҳуқуқи гирифтани нафақа бинобар гум кардани парастор, гирифтани мерос ва талаб кардан аз мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ оид ба дохил намудани навиштаҷот дар бораи падараш дар китоби сабтро пайдо менамояд.

Барои муқаррар кардани воқеияти эътироф кардани падарӣ, ғайр аз мӯҳлати зиндагии якҷояи модари кӯдак ва шахси фавтида, ки худро падари кӯдак эътироф мекард, инчунин мӯҳлати ҳомиладоршавӣ низ таъсир мерасонад. Мумкин аст, ки онҳо чор, шаш моҳ, яъне то як сол якҷоя зиндагӣ карда бошанд. Аз ҳама далели муҳимаш он аст, ки ҳомиладории зан аз шахси худро падари кӯдак эътироф мекардагӣ буда, то фавти он шахс, яъне ҳангоми зиндагии якҷоя ба вуқӯъ омада бошад.

**Танзими ҳуқуқии мерос**

Ҳар як инсон ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолияти хоҷагидорӣ дар натиҷа соҳибмулки ин ё он моликият мегардад. Баъд аз гузаштани вақти муайян масъалаи гузаштани моликият ба кӣ ва бо кадом тартиб пайдо мешавад. Ин масъала бо зиёд шудани раванди муҳоҷират, бастани никоҳ бо

шаҳрвандони хориҷӣ ва васеъ шудани доираи фаъолияти соҳибкорӣ боз ҳам мураккабтар гардида, дар натиҷа моликият ва ҳуқуқи моликиятии шахсони алоҳида дар хориҷи кишвар ҷойгир шуда, зери таъсири низоми ҳуқуқии давлатҳои гуногун қарор мегиранд. Ҳуқуқи моликият аз ҷумлаи ҳуқуқҳои бунёдии ҳар шахс мебошад. Ҳуқуқи моликияти шахс дар сурате мукаммал мегардад, ки имконияти меросгузории он мавҷуд бошад. Беҳуда нест, ки моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба моликият ва ҳуқуқ ба мерос доштани ҳар шахсро муқаррар намудааст. Имрӯз дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои қабул, тартиби ба расмият даровардан ва ҳифзи ҳуқуқҳои меросӣ мубрам гардида, дар таҷрибаи судӣ ба таври гуногун ҳал гардида истодааст.

Падидаи мерос умуман ба ҳуқуқ маълум аст, аз он ҷумла ба ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ аз давраҳои қадим. Меъёрҳои он муносибатҳо оиди гузаштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои молумулкии шахси вафоткардаро ба дигар субъектони ҳуқуқ ба танзим медарорад. Давомнокии мавҷудияти падидаи дидашавандаро танҳо бо аҳамияти хос доштани мерос барои шахси алоҳида, ҳамчунин барои ҷамъият дар маҷмӯъ фаҳмонидан мумкин аст.[24] Чуноне, ки тадқиқотчии пешазбуржуазии русс И.А.Покровский қайд карда буд, «савол оиди тақдири моликият баъди вафоти субъекти-соҳиби он аҳамияти калони ҳам шахсӣ ва ҳам ҷамъиятиро дорост»[25].

Муносибатҳои вобаста ба мерос одатан мураккаб буда, баррасии парвандаҳои гражданӣ вобаста ба масоили мерос дар судҳо муддати зиёдеро талаб менамояд. Баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани фасли 6 (Ҳуқуқ ба мерос) қисми 3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2005 ба таври куллӣ бисёр муқаррароти Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон (таҳрири соли 1963) тағйир дода шуда, камбудиҳо дар қонунгузорӣ бартараф гардида, баъзе аз меъёрҳои он возеҳ карда шуданд.

Чунин тағйирот барои сари вақт ва дуруст ҳал намудани парвандаҳои судӣ мусоидат мекунанд, аммо дар як вақт чунин категорияҳои парвандаҳо мураккаб гардидаанд, чунки фасли зикргардида ба падидаҳои гуногун ҳуқуқи мерос навигариҳои зиёде ворид намуд. Аз ҷумла, якчанд шаклҳои нави васиятнома ба вуҷуд омад, ба монанди васиятномаи махфӣ, васиятнома бо иштироки ҳатмии

[24]Ниг.: *Мусаев Р.М.* Наследование по завещанию: история и современность. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. М., 2003. С. 3.
[25]Ниг.: *Покровский И.А.* Основные проблемы гражданского права. М., Статут, 2003. С. 294.

шоҳидон. Аммо дар доираи ворисон мутобиқи қонун қариб ягон тағйирот ворид нашуд. Дар ин қисм дар қонунгузории дигар давлатҳо, аз ҷумла Россия, тағйироти куллӣ ворид карда шуда, навбати ворисон аз се ба ҳашт расонида шудааст, ки ин навигарӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ шаҳрвандон равона карда шудааст. Ҳангоми пайдо шудани баҳсҳо байни ворисон вобаста ба молу мулки меросӣ, инчунин дар ҳолати аз тарафи нотариус рад намудани иҷрои ин ё он амал ё имконнопазирии тасдиқи ҳолатҳои ҳуқуқӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳуқуқҳои меросӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо аз ҷониби суд ҳимоя карда мешавад.

Дар банди 3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2009 № 29 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузории ҳуқуқ ба мерос» тавзеҳ дода шудааст, ки судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки доираи ворисон, тартиби мӯҳлати қабули мерос ва ҳайати молу мулки меросиро қонунгузории дар лаҳзаи кушодани мерос амалкунанда муайян мекунад. Агар мероси кушодашуда аз ҷониби яке аз ворисон қабул нагардида бошад ва аз рӯи ҳуқуқи меросгирӣ он то 5 марти соли 2005 ба фоидаи давлат нагузашта бошад, нисбати он меъёрҳои қисми 3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 5 марти соли 2005 мавриди амал қарор дода шудааст, татбиқ мегардад.

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки ба ҷои Кодекси гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 қабул карда шуд, ки аз 1 июли соли 2023 ба қувваи амал медарояд. Фасли 7, бобҳои 69-73 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои меросгузориро дарбар мегирад

Меросгирӣ ин ворисии универсалии ҳуқуқ ба меросро ифода мекунад, зеро молу мулки шахси фавтида ба ворисон дар шакли маҷмӯи мукаммал ва дар ҳамон як лаҳза мегузарад, агар аз қонун тартиби дигаре барнаояд (масалан, ба меросгирии арзиши ҳиссаи шахси вафоткарда дар моликияти умумӣ ҳангоми ғайриимкон будани тақсими молу мулк дар шакли асл, ҳуқуқи меросгузор оид ба васият намудани молу мулки ба ӯ дахлдошта).

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи ногусастании ҳуқуқии байни меросгиранда ва категорияи асосии ҳуқуқӣ чун қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеиро муқаррар кардааст. Як ҳолати ҳуқуқӣ, яъне марг боиси пайдо шудани ду оқибати ҳуқуқӣ мешавад: аввал, қатъ гардидани қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ; дуввум, оғози ворисӣ. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароте мавҷуд аст, ки тибқи он қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи

таваллуд ба миён омада, пас аз вафоташ қатъ мегардад. Дар қисми дигари Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароте мавҷуд мебошад, ки тибқи он молу мулки шахси вафотёфта ба тариқи мерос ба дигар шахс мегузарад.

Ҳар ду қоидаи мазкури Кодекси мадани хусусияти қатъӣ (императивӣ) дорад, яъне марг тибқи қонун ҳатман қобилияти ҳуқуқдориро қатъ мегардонад, дар навбати худ бошад, тибқи қонун молу мулки фавтида ба дигар шахс мегузарад.

Амалан қариб ҳамаи низомҳои ҳуқуқӣ ду тартиби асосии меросгириро медонанд, якум дар асоси дар шакли муайяни ифодаёфтаи иродаи меросгузор, яъне “меросгирӣ тибқи васиятнома”, дуюм дар асоси “меросгирӣ тибқи қонун” мебошад.

Таҳти мафҳуми меросгирӣ тибқи васиятнома гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ, инчунин баъзе ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ғайримолумулкии меросдиҳанда ба дигар шахсон мувофиқи дастурҳои васиятии шахси вафоткарда фаҳмида мешавад.

Тақдири муносибатҳои маданӣ, ки дар он шахси вафоткарда қарор дошт, мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи меросӣ, ки тартиби гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро аз меросдиҳанда ба меросгиранда муайян мекунад, ба танзим дароварда мешавад.

Меросгирӣ тибқи қонун бошад дуюмин асоси гузариши мерос мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки меросгирӣ дар асоси қонун ҳангоми мавҷуд набудани васиятнома ба миён меояд. Он ҳам бошад бо навбат меросгирии наздикону пайвандони худи меросгузорро дар бар мегирад. Бо назардошти ин шаҳрвандоне меросхур ҳисобида мешаванд, ки баъди марги меросгузор дар ҳаётанд ва ё ин ки ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар пайдо гардида, баъди марги ӯ зинда ба дунё омада бошанд.[26] Мутобиқи қонун меросхурон шахсонеанд, ки хешовандони наздики меросгузор мебошанд. Ҳангоми меросгирии қонунӣ фарзандхондшуда ва наслҳои он, аз як тараф ва фарзандхонда ва хешовандони ӯ, аз дигар тараф бо хешони хунӣ баробар ҳисоб карда мешаванд.[27]

Нуқтаи назари таҳқиқотчиёне саҳеҳ аст, ки мафҳуми «меросгирӣ тибқи қонунро» ҳамчун шартӣ эътироф менамоянд, чуноне ки ҳардуи асосҳои номбар кардашудаи гузаштани моликияти шахси вафоткарда ба

[26] Михалева Т.Н. Наследование. Юридическо-правовой справочник. Москва 2005 г. С. 89.
[27] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3. аз 1-уми марти соли 2005. ш. Душанбе-с. 2005, боби 60, мод. 1165. қ.2.

дигар шахсон истисноан дар асоси дастурамалҳои ҳуқуқи меросӣ асос ёфтаанд[28].

Ҳамин тавр, маҳаки асосии тафовутро дар мавҷуд будан ё набудани иродаи дар шакли қонунан муқаррар ифодаёфтаи меросдиҳандаро нисбати моликияти худ шуморидан мумкин аст.

[28]Ба ин диққат медиҳад, инчунин, А.А. Рубанов (Ниг.: Комментарий к части третьей Гражданского кодекса Российской Федерации / Под редакцией A.JI. Маковского, Е.А. Суханова. С. 49).

# РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Номгӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашуда

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017.

2. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 22

3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 қабул карда шуд, ки аз 1 июли соли 2023 ба қувваи амал медарояд.

4. Коекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Қисми3 аз 5 марти соли 2005.

5. Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2016.

6. Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.

7. Нақшаи миллии тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба баланд бардоштани нақшу мақоми занон барои солҳои 1998-2005», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.1999, №5.

8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2005, №89 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо».

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.08.2001, №391 "Дар бораи Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010».

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023" аз 3 майи соли 2014, таҳти №229.

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №548 "Дар бораи Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020".

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2015, №801 "Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон".

14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2017-2023.

15. Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 25 июни соли 1993.

16. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар хусуси тасдиқи Протоколи факултативии Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 24 апрели соли 2014, №1485.

17. Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он, иловаи Консвенсияи СММ зидди ҷиноятктории муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000.

18. Ҳисоботи миллии Тоҷикистон оид ба раванди татбиқи муқаррароти Эъломияи Пекин ва Барномаи амали баланд бардоштани мақоми зан тибқи Қатъномаи Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ таҳти №2013/18 аз 24 июли соли 2013.

19. Нақшаи амали миллӣ вобаста ба иҷрои Конвенсияи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 23.07.2014.

20. Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои Қатъномаҳои №1325 ва №2122 Шӯрои амнияти СММ, 23.07.2014.

21. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008.

**Адабиёт ва мақолаҳо**

22. Антонян Ю.М. и другие. Изнасилование: причины и предупреждение. – М., 1990

23. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти гендерӣ. Мураттиб: М. Давлатова. – Душанбе: Адиб, 2005.

24. Давлатов М. Роҳнамои ёрии психологӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила: Дастури таълимӣ – методӣ. – Душанбе, 2011.

25. Декларация ООН об искоренении насилия в отношении женщин. – Издание ООН, 1994.

26. Журавлев А.Л., Хащенко В.А., Хащенко Н.Н. Влияние фактора пола на стиль руководства производственным коллективом // Социально-психологические резервы повышения эффективности деятельности трудового коллектива. - М.: ИПАН, 1989.

27. Здравомыслова Е., Темкина А. Введение. Социальная конструкция тендера и тендерная система в России // Тендерное

измерение социальной и политической активности в переходный период. Сб.статей.- СПб., 1996.

28. Здравомыслова Е., Темкина А. Феминистская эпистемологическая критика: кризис социального знания и поиски выхода//Женщина. Гендер. Культура. - М., 1999.

29. Идиев Х. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ. - Душанбе, 2016, 119 с.

30. Идиев Х. Фалсафаи иҷтимоӣ. - Душанбе, 2013.

31. Ильясов Ф.Н. Политический маркетинг и феномен лидерства // Государственная служба, 1999. - С. 15-25.

32. Имидж власти и политиков // Диалог. – 1992. - №15;18.- С. 12-17.

33. Карлейль Т. Герои, почитание героев и героическое в истории// В книге Карлейль Т. Теперь и прежде. Сост. Медведева Р.К.- М., 2004, 415 с.

34. Кори иҷтимоӣ. Фарҳанги мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ – русӣ. – Душанбе, 2010.